ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ПАЖӮҲИШГОҲИ РУШДИ МАОРИФ БА НОМИ АБДУРАҲМОНИ ҶОМИИ АКАДЕМИЯИ ТАҲСИЛОТИ ТОҶИКИСТОН

Ба ҳуқуқи дастнавис

ВБД: 37.018+355.23(575.3)
ТКБ: 68.49(2Т)
Ҳ-16

ҲАКИМОВА БАРНО РУСТАМОВНА

АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИИ МУТОБИҚСОЗИИ АФСАРОНИ ҶАВОН ДАР НИЗОМИ КОРҲОИ ТАРБИЯВИИ ҚУВВАҲОИ МУСАЛЛАҲИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

(дар мисоли хатмкунандагони донишкадаҳои ҳарбӣ)

Автореферати
барои дарѐфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ
аз рӯйи ихтисоси 5.3.9. Назария ва методикаи ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (педагогикаи иҷтимоӣ)

ДУШАНБЕ - 2026

Таҳқиқоти илмӣ дар шуъбаи педагогика, психология ва методикаи таълими Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон омода гардидааст.

Роҳбари илмӣ: **Иматзода Лутфия Маҳмадулло** – доктори илмҳои педагогӣ, профессор, мудири шуъбаи педагогика, психология ва методикаи таълими Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон

Муқарризони расмӣ: **Шаропов Шавкатҷон Аҳмадович** - доктори илмҳои педагогӣ, профессор, кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбии Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров

Неъматов Рамазон Ҳусниддинович - номзади илмҳои педагогӣ, и.в. дотсенти кафедраи методикаи тасилоти ибтидоӣ, педагогика ва психологияи Донишкадаи давлатии омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт

Муассисаи пешбар: **Донишгоҳи омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ**

Ҳимояи диссертатсия санаи «12» январи соли 2027, соати 13:00 дар ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.KOA-030-и назди Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон (734024, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи А.Адҳамов, 11/2, e-mail: sharifa.kotibova@mail.ru; тел.: 2276246; 55 999 31 20) баргузор мегардад.

Бо диссертатсия дар китобхона ва сомонаи шурои диссертатсионии Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон (https://shurodis-prmatt.tj) шинос шудан мумкин аст.

Автореферат «10» декабри соли 2026 тавзеъ шудааст.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ, н.и.п., дотсент **Котибова Ш.П.**

МУҚАДДИМА

Мубрамии мавзуи таҳқиқот. Мутобиқсозии шахс ҳамчун раванди азхудкунии нақшҳои иҷтимоӣ, меъёрҳо, арзишҳо ва намунаҳои рафтор шарти муҳимтарини ба таври пурра дохил кардани шахс ба ҳаёти ҷамъиятӣ ва касбӣ мебошад. Дар шароити хизмати ҳарбӣ ин раванд аҳамияти махсус пайдо мекунад, зеро афсар на танҳо мутахассисест, ки вазифаҳои муайянро иҷро мекунад, балки инчунин дорандаи идеологияи давлатӣ, фарҳанг, ҳисси ватандӯстӣ, интизом ва масъулияти хизматӣ мебошад.

Сарфармондеҳи олии Қувваҳои мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон генерали артиш Эмомалӣ Раҳмондар маҷлиси тантанавӣ бахшида ба 25 солагии таъсисёбии Қувваҳои мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон зимни суханронияшон оид ба омода намудани мутахассисони баландихтисос чунин таъкид намуданд: « ... минбаъд ба масъалаи сатҳу сифати корҳои тарбиявӣ, омода намудани мутахассисони баландихтисоси ҳарбӣ, ҷобаҷогузории дурусти кадрҳо, дар рӯҳияи ватандӯстиву хештаншиносӣ ва инсондӯстиву рафоқат тарбия кардани ҳайати шахсӣ диққати боз ҳам бештар дода шавад» [13].

Курсанте, ки нав таҳсилро дар донишкадаи ҳарбӣ ба хатм расонидааст, ба муҳити мураккаби мутобиқи коллективи ҳарбӣ ворид мешавад. Дар ин марҳила ӯ бо зарурати мутобиқ шудан ба талаботи хизмат, ба даст овардани эътибор дар гурӯҳи мансуб ба ӯ, сохтани муносибатҳо бо роҳбарият ва иҷрои вазифаҳои тарбиятгар, ташкилкунанда ва фармондеҳ рӯ ба рӯ мешавад.

Самаранокии фаъолияти хизматӣ, ҳамбастагии даста, сатҳи ҳуқуқвайронкунӣ, ҳолати маънавию психологии ҳайати шахсӣ аз он вобаста аст, ки мутобиқсозии он то чӣ андоза дуруст ба роҳ монда хоҳад шуд.

Академик М. Лутфуллозода дар асари «Педагогикаи миллӣ» дар бораи ватандорӣ чунин гуфтаанд: «Ватанро он тавре ки ҳаст, ҳамон тавр бояд дӯст дошт. Ҳеҷ мумкин нест, ки Ватанро аз обу хоку сангу кӯҳ ва хору хасаш ҷудо тасаввур кард. Инсон аз хурдӣ дар ҳамин муҳит тарбия меёбад. Ба таври дигар бигӯем, он арзишҳои маънавӣ ва моддӣ, ки ҳам табиати саховатманд инъом кардааст ва ҳам худамон меофарем, айни замон ҳамчун мураббӣ моро тарбия мекунанд ва шарафёр мегардонанд».[28, с. 318]

Дар шароити ҷумҳурии мо, ки дар он Қувваҳои мусаллаҳ дар таъмини амнияти давлатӣ, субот ва тарбияи насли наврас дар руҳияи ватандӯстӣ нақши муҳим доранд. мутобиқсозии афсарони ҷавон на танҳо аҳамияти касбӣ, балки аҳамияти умумимиллӣ низ пайдо мекунад. Дар ин ҳолат, сарфи назар аз низомӣ мавҷудаи корҳои тарбиявӣ дар қисмҳо ва ҷузъу томҳо, коркарди назариявӣ-методии масъалаҳои мутобиқсозии афсарони ҷавон маҳз дар марҳилаи воридшавии онҳо ба коллективи ҳарбӣ нокифоя аст. Набудани амсилаи возеҳ, инчунин шароити илмии асосноки педагогӣ, усул ва меъёрҳои арзёбии сатҳи мутобиқсозӣ ба парокандагӣ ва расмиятпарастӣ дар кори тарбиявӣ оварда мерасонад.

Илова бар ин, дар илми педагогика масъалаи самаранок истифода бурдани иқтидори корҳои тарбиявӣ дар шароити хизмати ҳарбӣ барои бомуваффақият мутобиқсозии афсарони ҷавон - хатмкунандагони донишкадаҳои ҳарбӣ кам омӯхта шудааст, аз ҷумла, мушаххас кардани шароити ташкилию педагогӣ, муайян намудани шаклҳо ва усули беҳтарини тарбия, инчунин сохтани амсилаи илман асосноки мутобиққунӣ талаб карда мешавад, ки ҳам хусусиятҳои муҳити артиш ва ҳам хусусиятҳои фарҳангию миллии ҷумҳуриро ба назар гирад.

Дар Консепсияи корҳои сиёсию тарбиявӣ дар Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон вазифаҳои корҳои сиёсӣ тарбиявӣ чунин омадааст:«..., ташаккул додани сифатҳои баланди ахлоқию равонӣ ва омодагии ҷангӣ, тарбияи онҳо дар руҳияи ҳисси ватандстиву ватанпарастӣ ва муҳаббат ба Ватан, муҳофизатгари боварinок ва боэътимоди Ватан, ҳисси баланди масъулияти шахсӣ ҳангоми иҷрои вазифаҳои хизматӣ ва садоқат ба Савганди ҳарбӣ гузаронида мешаванд» [8].

Корҳои тарбиявӣ воситаи муҳимтарини мутобиқсозии афсарони ҷавон буда, ба ташаккули низоми устувори нишонаҳои ахлоқӣ, тафаккури касбӣ ва меъёрҳои рафторӣ равона карда шудаанд

Илова бар ин, корҳои тарбиявӣ дар ташаккули тобории маънавию психологии афсарони ҷавон, ки барои иҷрои вазифаҳои хизматӣ дар вазъияти асабонӣ, номуайянӣ ва хатар зарур аст, нақши муҳим мебозанд. Онҳо ба рушди хусусиятҳои роҳбарӣ, қобилияти кор дар гурӯҳ, қабули қарорҳои зуд ва огоҳона, ки махсусан, барои фармондеҳӣ ва идоракунии муваффақ дар ҳолатҳои ҷангӣ ва ҳаррӯза муҳим аст, мусоидат мекунанд.

Корҳои тарбиявӣ дар заминаи мутобиқсозии касбӣ аҳамияти махсус доранд, аз ин лиҳоз афсарони ҷавон барои мутобиқ шудан ба нақшҳо ва мақоми нави иҷтимоӣ тавассути ташаккули стандартҳои баланди рафтори хизматӣ ва ҳавасмандии дохилӣ барои рушди худ кумак мерасонанд. Ҳамин тариқ, корҳои тарбиявӣ раванди ҳамаҷонибаест, ки на танҳо тайёрии касбӣ, балки рушди ҳамаҷонибаи шахсии афсарони ҷавонро таъмин намуда, ба таҳкими қобилияти ҷангӣ ва суботи Қувваҳои мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат менамояд.

Ҳамин тариқ, *мубрамияти* ин таҳқиқот чунин муайян карда мешавад:

- афзоиши нақши кори тарбиявӣ дар раванди ташаккули шахсияти афсари ҷавон;
- зарурати баланд бардоштани самаранокии мутобиқсозии хатмкунандагони донишкадаҳои ҳарбӣ дар давраи мутобиқшавии онҳо ба шароити хизмат;
- набудани амсилаи мукаммали мутобиқсозии афсарони ҷавон дар назарияи педагогӣ, ки ба воқеияти Қувваҳои мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон нигаронида шуда бошад;
- аҳамияти мутобиқсозии муваффақи афсарони ҷавон барои устуворӣ ва қобилияти ҷангии ҷузъу томҳои ҳарбӣ.

Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ. Мушкилоти мутобиқсозии шахс дар асарҳои олимони ватанӣ ва хориҷӣ, аз ҷумла: И.А. Абзалов, А.Ш. Давлатшоева, С. Давлатшоев, И. Давлатшоев, А. Қаландаров, Ш.К.Маҳмудов, Т.З. Мунавварова, С.С. Нозимов, С.О. Сатторов, Х. Х. Ҳасанов, М. В. Ермаков, Е.А. Климов, Ю.А. Ленев, С.В. Николаев, С.В. Оспенников, Ю.В. Савин , В.Т. Татаренко ва дигарон ба таврии васеъ тавзеҳ дода шудаанд.

Оид ба мушкилоти иҷтимоишавии шахс дар асарҳои илмии олимони ватанӣ: С.Н. Алиев, Ф. Гулмадов, Л.М. Иматзода, И.Х. Каримова, Ш.П. Котибова, Б.Қ. Қодиров, Б.Р. Қодиров, М. Лутфуллозода, Б. Маҷидова, Б. Нуров ва дигарон таҳлил карда шуданд. Ҳамзамон, дар корҳои таҳқиқотии муҳаққиқони ватанӣ Ҷ. Абдулов, С. Амонов, Р.Н. Азиззода, М. Акмалова, Б. Мирбобоева, Ҳ. Нарзуллоев, Р.Ҳ. Неъматов, Д.Р. Одилзода, Г.М. Садуллоева, Саодати Раҳмоналӣ, Сайдамадзода Ҳусноро, Ш.О. Фозилзода ва дигарон низ масъалаҳои иҷтимоишавии шахс новобаста аз синну сол ва касбияташон баррасӣ шудаанд.

Дар асарҳои олимони соҳаи педагогика ва психологияи ҳарбӣ аз ҷумла: В.В. Алексеев, И.А. Алехин, В.А. Архипов, П.А. Баранов, Ю.К. Бабанский, А.В. Барабаншиков, А.А. Беляев, И. А. Голицина, В. А. Ивашкин, А.С. Петров, И.В. Смирнов, Н.Ф. Феденко масъалаи мутобиқсозии хизматчиёни ҳарбӣ инъикос ёфтаанд.

Бо вуҷуди зиёд будани таҳқиқоти илмӣ масъалаҳои мутобиқсозии афсарони ҷавон дар ҷараёни корҳои тарбиявӣ ба таври кофӣ омӯхта нашудаанд. Амсилаҳо, усул ва технологияҳое, ки имконияти таъмини мутобиқсозии низомӣ ва мақсаднокро дар муҳити хизмати ҳарбӣ, хусусан, дар фазои пасошуравӣ ва дар шароити артиши Ҷумҳурии Тоҷикистон доранд, нокифоя таҳия шудаанд.

Дар шароити муосири ислоҳот ва таҳкими Қувваҳои мусаллаҳи ҷумҳурии мо раванди мутобиқсозии афсарони ҷавон, ки марҳилаи калидии ташаккули касбӣ ва шахсии онҳост, аҳамияти махсус пайдо мекунад. Мутобиқшавӣ на танҳо ташаккули салоҳиятҳои касбӣ ва малакаҳои корҳои ҳарбии афсарони ҷавон, балки хусусиятҳои устувори рафторӣ, мавқеи шаҳрвандӣ, ватандӯстӣ, омодагӣ ба иҷрои вазифаҳои хизматиро дар ҳолатҳои мураккаб ва ғайристандартӣ таъмин менамояд. Ҳамзамон давлат ва роҳбарияти ҳарбии кишвар ба хусусиятҳои тайёрӣ ва тарбияи кадрҳои афсарӣ талаботи баланд гузошта, зарурати муносибати муттаҳидшударо ба рушди шахсияти афсари ҷавон дар руҳияи садоқат ба Ватан, интизом, масъулият ба касби интихобшуда таъкид мекунанд. Низоми корҳои тарбиявӣ дар Қувваҳои мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таъмини ин раванди мутобиқсозӣ нақши пешбарро мебозад. Инчунин, дар амал як қатор мушкилот ва маҳдудиятҳои ҷиддӣ вобаста ба набудани асосҳои ягонаи назариявии илмӣ ва равишҳои методологии мутобиқсозии афсарони ҷавон ошкор карда мешаванд. Парокандагӣ ва низоми нокифояи корҳои тарбиявӣ, мувофиқ набудани шаклҳо, усул ва воситаҳои тарбия бо ниёзҳо ва

хусусиятҳои воқеии афсари ҷавон, хатмкунандагони донишкадаҳои ҳарбӣ мушоҳида карда мешавад. Илова бар ин, **амсилаи** мушаххаси иҷтимоӣ-педагогии мутобиқсозӣ вуҷуд надорад, ки хусусияти муҳити артиш, хусусиятҳои миллию фарҳангии ҷомеа ва сатҳи муосири талабот ба хизмати ҳарбиро ба назар гирад.

Ҳамин тариқ, байни зарурати баланд бардоштани самаранокии раванди иҷтимоикунонии афсарони ҷавон, ки бо сабаби афзоиши талабот ба хусусиятҳои рушди касбӣ ва шахсии онҳо алоқаманд аст ва рушди нокифояи назариявӣ ва методологии низоми корҳои тарбиявӣ, ки бояд ин равандро дар шароити Қуввaҳои мусаллаҳи ҷумҳурии мо таъмин кунад, *ихтилофот* вуҷуд дорад.

Ин *ихтилоф* аҳамияти таҳқиқоти мазкурро, ки ба таҳия ва озмоиши амсилаи мутобиқсозии самараноки афсарони ҷавон дар низомӣ корҳои тарбиявӣ нигаронида шудааст, таъкид мекунад.

Дар асоси зиддиятҳои ошкоргардида мавзуи таҳқиқоти илмӣ **«Асосҳои назариявии мутобиқсозии афсарони ҷавон дар низоми корҳои тарбиявии Қуввaҳои мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли хатмкунандагони донишкадаҳои ҳарбӣ)»** номгузорӣ карда шуд.

Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо, лоиҳаҳо ва мавзуъҳои илмӣ. Корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ дар асоси хулосаи озмоиш, дар доираи мавзуи «Асосҳои педагогиву психологии рушди хештаншиносиву ташаккули ҷаҳонбинӣ ва иҷтимоишавии наврасону ҷавонон дар замони муосир» дар шуъбаи педагогика, психология ва методикаи таълими Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон мавриди таҳқиқ қарор ёфтааст.

ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

Дар рисолаи илмӣ асосҳои назариявиӣ мутобиқсозии афсарони ҷавон дар низоми корҳои тарбиявӣ дар Қуввaҳои мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли хатмкунандагони донишгоҳҳои ҳарбӣ) таҳқиқ мегардад. Ҷиҳатҳои иҷтимоӣ-педагогии мутобиқсозии афсарони ҷавон дар шароити воридшавӣ ба ҷузъу томҳои қуввaҳои мусаллаҳ тавассути шаклу усулҳои натиҷабахши корҳои тарбиявӣ мавриди таҳқиқот қарор гирифтааст.

Мақсади таҳқиқот: аз лиҳози назариявӣ асоснок намудан ва аз ҷиҳати озмоишӣ санҷидани воситаҳои иҷтимоӣ-педагогии мутобиқсозии афсарони ҷавон дар низоми корҳои тарбиявии Қуввaҳои мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Вазифаҳои таҳқиқот. Барои амалӣ гардонидани мақсади таҳқиқот вазифаҳои зерин муқаррар гардид:

1. Аз ҷиҳати назариявӣ асоснок кардани моҳият, сохтор ва хусусиятҳои мутобиқсозии афсарони ҷавон дар заминаи корҳои тарбиявӣ дар донишкадаҳои ҳарбӣ.

2. Муайян кардани мушаххасоти мутобиқсозии касбӣ дар шароити хизмати ҳарбӣ ва хусусиятҳои фарқкунандаи он дар хатмкунандагони донишкадаҳои ҳарбӣ;

3. Таҳлили низоми мавҷудаи корҳои тарбиявӣ дар Қувваҳои мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун воситаи мутобиқсозӣ ва муайян кардани шароити ташкилию педагогии мутобиқсозии самараноки афсарон дар марҳилаи аввали хизмат;

4. Таҳияи амсилаи педагогию иҷтимоии мутобиқсозии афсарони ҷавон дар низомӣ корҳои тарбиявии Қувваҳои мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли хатмкунандагони донишкадаҳои ҳарбӣ);

5. Гузаронидани озмоиши педагогӣ оид ба санҷиши самаранокии амсилаи педагогию иҷтимоии мутобиқсозии афсарони ҷавон дар низомӣ корҳои тарбиявӣ.

6. Таҳияи тавсияҳои амалӣ оид ба ҷорӣ намудани амсилаи мутобиқсозӣ ба низоми корҳои тарбиявии Қувваҳои мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Объекти таҳқиқот: шаклу усулҳои мутобиқсозии афсарони ҷавон мавриди баргузории корҳои тарбиявии Қувваҳои мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли хатмкунандагони донишкадаҳои ҳарбӣ).

Мавзуи (предмети) таҳқиқот: раванди мутобиқсозии афсарони ҷавон ба хизмати ҳарбӣ дар Қувваҳои мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли хатмкунандагони донишкадаҳои ҳарбӣ)

Фарзияи таҳқиқот. Раванди мутобиқсозии афсарони ҷавон дар низоми корҳои тарбиявии Қувваҳои мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври назаррас самараноктар хоҳад буд, агар:

- шакл, усул ва воситаҳои беҳтарини корҳои тарбиявӣ, ки ба рушди мутобиқсозии афсарони ҷавон дар низоми корҳои тарбиявии Қувваҳои мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли хатмкунандагони донишкадаҳои ҳарбӣ) нигаронида шудаанд, истифода шаванд;

- амсилаи мутобиқсозии афсарони ҷавон дар низоми корҳои тарбиявии Қувваҳои мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли хатмкунандагони донишкадаҳои ҳарбӣ) таҳия, илман асоснок ва амалан мутобиқ карда шавад;

- раванди мутобиқсозӣ бо такя ба шароити махсус ташкилшудаи педагогӣ, ки ба воқеияти хизмати ҳарбӣ мувофиқат мекунад, амалӣ гардад;

- барои афсарон, роҳбарияти корҳои тарбиявии ҷузъу томҳои Қувваҳои мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба асосҳои илмию амалӣ ва роҳу усулҳои самараноки мутобиқсозии афсарони ҷавон дар низоми корҳои тарбиявӣ тавсияҳои методӣ таҳия карда шаванд.

Марҳила, макон ва давраи таҳқиқот.

Таҳқиқот дар се марҳила гузаронида шудааст.

Марҳилаи аввали таҳқиқот (2015-2018) - марҳилаи муайянкунанда таҳлили адабиёт, муайян кардани ҳадаф, вазифаҳо, фарзия ва зиддиятҳо, инчунин арзёбии дараҷаи таҳияи мушкилоти мутобиқсозии афсарони ҷавон дар низоми корҳои тарбиявиро дар бар мегирад.

Марҳилаи дуюм (2019-2022) - марҳилаи ташаккулдиҳанда таҳияи амсилаи мутобиқсозии афсарони ҷавон дар низомӣ корҳои тарбиявӣ, муайян кардани шароити педагогӣ ва гузаронидани корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ барои санҷиши самаранокии амсиларо фаро мегирад.

Марҳилаи сеюм (2023-2025) - марҳилаи назоратӣ таҳлил ва ҷамъбасти натиҷаҳои кори таҷрибавӣ - озмоишӣ, низомбандии маълумоти назариявӣ ва амалӣ, санҷиши фарзия, ҷамъбасти натиҷаҳои таҳқиқотро дар бар гирифтааст.

Асосҳои назариявии таҳқиқотро мафҳум ва моҳияти мутобиқсозӣ ҳамчун раванди ташаккули шахсият ва ҳамгироии он ба гурӯҳҳои иҷтимоӣ, аз ҷумла муҳити низомӣ; хусусиятҳои мутобиқсозӣ дар соҳаи ҳарбӣ, ки талаботи интизом, коллективизм, ватандӯстӣ ва ҳувияти касбиро дар бар мегиранд; назарияҳо ва амсилаҳои корҳои тарбиявӣ дар қувваҳои мусаллаҳ, ки ба ташаккули хусусиятҳои ахлоқӣ-психологӣ ва касбии хизматчиёни ҳарбӣ нигаронида шудаанд; равишҳои психологӣ-педагогӣ ба мутобиқсозии афсарони ҷавон, ошкор кардани механизмҳои мутобиқсозӣ ва рушди шахсӣ; таҳлили хусусиятҳои иҷтимоӣ ва фарҳангии Қувваҳои мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба раванди тарбия ва механизмҳои мутобиқшавӣ дар низоми ҳарбӣ таъсир мерасонад, ташкил додаанд. Муқаррароти мазкур имкон доданд, ки аҳамият ва самти таҳқиқот асоснок карда шуда, инчунин заминаи методологӣ барои таҳлили механизмҳои мутобиқшавии афсарони ҷавон дар низоми корҳои тарбиявии Қувваҳои мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил карда шавад.

Асоси методологии таҳқиқотро асарҳои бунёдӣ оид ба фалсафа, педагогика ва психология аз рӯйи қонуниятҳои ташаккули шахс, муносибати низомӣ ба усули умумифалсафии дониши илмӣ ташкил доданд. Таваҷҷуҳи асосӣ ба назарияи умумии фаъолияти касбӣ, ташаккули марҳилавии корҳои эҷодӣ, рушди таълим ва рушди тафаккури интиқодӣ дар курсантони муассисаҳои таҳсилоти олиии ҳарбӣ равона карда шудааст.

Сарчашмаҳои таҳқиқот. Ба хусусиятҳои сарчашмаҳои таҳқиқот санадҳои меъёрию ҳуқуқии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба таълим ва тарбия равона шудаанд, аз ҷумла: Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (1993) [1], Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ (23.12.2022) [2], Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон: «Дар бораи маориф» (2013) [3], Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тарбияи ватанпарастии шаҳрвандон» 2023 [4], «Дар бораи уҳдадориҳои хизмати ҳарбӣ» (2021) [5], Консепсияи корҳои тарбиявӣ (2006) [6], Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2045 (2025) [7], Консепсияи корҳои сиёсию тарбиявӣ дар Қувваҳои мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон (2015) [8], Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 [9], Барномаи давлатии тайёр кардани кадрҳои сатҳи баланди илмӣ барои солҳои 2021-2030 [10], Оинномаи интизомии Қувваҳои мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон (2005)[11], Дастури методӣ «Оид бапешгирӣ намудани муносибатҳои ғайриоинномавӣ,

ҳолатҳои худкушӣ ва ҷиноятҳои ҳарбӣ дар Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон» (2015) [12] ва асарҳои олимони соҳаи педагогика, педагогикаи ҳарбӣ, психология, фалсафа, сотсиология, дастурҳои методиву таълимӣ оид ба корҳои тарбиявӣ дар ҚМ ҶТ ва васоили озмоишӣ истифода гардиданд.

Заминаҳои эмпирикии таҳқиқот. Кори диссертатсионӣ дар асоси таҷриба ва маълумоти боэътимоде, ки аз муассисаҳои таҳсилоти олии ҳарбӣ ба даст омаданд, муназзам карда шудааст. Дар ҷараёни корҳои озмоишӣ-таҷрибавӣ андешаҳо ва нуқтаи назари омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти олии ҳарбӣ оид ба механизмҳои мутобиқсозии афсарони ҷавон дар низоми корҳои тарбиявӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифта, таҳлил ва арзёбӣ карда шуданд.

Пойгоҳи таҳқиқот. Корҳои ташкилӣ, таҳқиқотию озмоишӣ бо риояи мантиқи таҳқиқот дар заминаи Донишкадаи ҳарбии Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Донишкадаи олии сарҳадии КДАМ Ҷумҳурии Тоҷикистон, раёсати кардҳо ва таълимоти ҳарбии ВМ ҶТ, раёсати корҳои сиёсӣ- тарбиявии ВМ ҶТ баргузор гардидааст. Вобаста ба таҳқиқоти илмӣ-педагогӣ, дар ҷаласаҳои шуъбаи педагогика, психология ва методикаи таълими Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ва кафедраи корҳо сиёсии тарбиявии педагогика ва психологияи Донишкадаи ҳарбии Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон гузоришҳо пешниҳод гардидаанд. Дар таҳқиқот 58 - нафар афсарон ва бештар аз 300 нафар курсантон иштирок намуданд. Идеяҳо, масъалаҳо ва муқаррароти муайяншуда дар конференсияҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалии шуъбаи педагогика, психология ва методикаи таълими Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон санҷида шуданд.

Навгони илмии таҳқиқот: дар он ифода меёбад, ки масъалаи мутобиқсозии афсарони ҷавон аз нигоҳи назариявӣ ва амалӣ бо риояи мантиқи илмӣ маввриди таҳлил ва асоснокии ҳамаҷониба қарор дода шуда, дар рафти таҳқиқот марҳилаҳои зерин амалӣ гардиданд:

1. Моҳият, сохтор ва хусусиятҳои мутобиқсозии афсарони ҷавон дар заминаи корҳои тарбиявӣ аз ҷиҳати назариявӣ асоснок карда шуд.

2. Мушаххасоти мутобиқсозии касбӣ дар шароити хизмати ҳарбӣ ва хусусиятҳои фарқкунандаи он дар хатмкунандагони донишкадаҳои ҳарбӣ муайян карда шуд.

3. Низоми мавҷудаи корҳои тарбиявӣ дар Қувваҳои мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун воситаи мутобиқсозӣ таҳлил карда шуд.

4. Амсилаи педагогию иҷтимоии мутобиқсозии афсарони ҷавон дар низомӣ корҳои тарбиявии Қувваҳои мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия карда шуд.

5. Шароити ташкилию педагогии мутобиқсозии афсарони ҷавон дар низомӣ корҳои тарбиявии Қувваҳои мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон коркард гардид.

6. Шаклҳо, усулҳо ва воситаҳои самаранокти татбиқи амсилаи мутобиқсозии афсарони ҷавон дар низомӣ корҳои тарбиявии Қуввaҳои мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон тасниф карда шуд.

7. Озмоиши педагогӣ оид ба санҷиши самаранокии амсилаи педагогию иҷтимоии мутобиқсозии афсарони ҷавон дар низомӣ корҳои тарбиявии Қуввaҳои мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида шуд.

8. Тавсияҳои амалӣ оид ба ҷорӣ намудани амсилаи мутобиқсозии афсарони ҷавон дар низоми корҳои тарбиявии Қуввaҳои мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия карда шуд.

Нуктаҳои барои ҳимоя пешниҳодшаванда:

1.Муқаррар карда шудааст, ки мутобиқшавии касбии афсарони ҷавон дар раванди мақсаднок, марҳилавӣ ва байнисоҳавии воридсозии хатмкунандаи донишкадаи ҳарбӣ ба низоми муносибатҳои хизмати ҳарбӣ ва фаъолияти касбӣ мебошад ва ин раванд азхудкунии меъёрҳо ва арзишҳои хизмати ҳарбӣ инчунин ташаккули ҳувияти касбӣ, шавқу ҳаваси устувори хизмат ва сифатҳои муошират роҳбариро таъмин менамояд. Хусусиятҳои хоси мутобиқшавии афсарони ҷавон дар давраи ибтидоии хизмат низ муайян карда шудаанд, ки аз танзими қатъии фаъолият, зарурати қабули қарорҳои мустақилона ва масъулият дар назди ҳайати тобеъ сарчашма мегирад ва ин ҳолат зарурати таҳқиқи мақсадноки иҷтимоӣ-педагогиро барои ин раванд тақозо мекунад.

2. Собит шудааст, ки самаранокии раванди мутобиқшавӣ тавассути фароҳам овардани маҷмӯи шароити ташкилӣ-педагогӣ таъмин мегардад, ки шароити мутобиқшавии иттилотию педагогӣ, ташкили низоми роҳнамоӣ ва дастгирии педагогӣ, инчунин татбиқи барномаҳои таълимии ба шахсият нигаронидашударо дар бар мегиранд, ки афсарони ҷавонро ба ҳамкорӣ бо фармондеҳон, роҳнамоён ва қисми ҳарбӣ ҷалб менамояд.

3. Амсилаи иҷтимоӣ-педагогии мутобиқшавии касбии афсарони ҷавон дар давраи хизмати ҳарбӣ таҳия ва аз лиҳози илмӣ асоснок шудааст, ки он ба ҷузъҳои ангезандагӣ- арзишӣ, маърифатӣ, фаъолиятӣ ва рефлексивӣ асос ёфтааст. Рушди ба ҳам алоқаманди ин ҷузъҳо ба мутобиқшавии касбӣ, ба омодагӣ барои иҷрои вазифаҳои хизматӣ ва қобилияти ҳамкории мусбат дар дохили коллективи ҳарбӣ мусоидат мекунад.

4. Самаранокии амсилаи иҷтимоию-педагогии таҳияшуда барои мутобиқшавии касбии афсарони ҷавон ба тври таҷрибавӣ тасдиқ карда шуд. Муайян карда шуд, ки татбиқи ин амсила тавассути фаъолиятҳои гурӯҳӣ ва семинарҳои рушди шахсӣ- касбӣ бо истифода аз технологияҳои иттилотӣ ва коммуникатсионӣ тамоюлҳои мусбатро дар нишондиҳандаҳои мутобиқшавии касбии афсарони ҷавон афзоиш медиҳад ва шавқу рағбати онҳоро афзоиш медиҳанд. Дар асоси натиҷаҳо, тавсияҳои илмӣ ва амалӣ барои ворид кардани ин амсила ба низоми тарбиявии Қуввaҳои мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардид.

Аҳамияти назариявии таҳқиқот дар он зоҳир мегадад, ки фаҳмиши илмии мутобиқсозии афсарони ҷавон дар низоми корҳои тарбиявии

Қуввахои мусаллахи Ҷумҳурии Тоҷикистон омодагии касбии афсаронро васеъ мекунанд; назарияи мутобиқсозӣ ва таҳсилоти педагогиро бо муқаррарот барои рушди фаъолияти касбии афсарон амиқтар мегардонанд ва донишҳои илмӣ-педагогиро дар бораи механизмҳои ворид намудани мутобиқсозӣ дар раванди муосири хизмати ҳарбӣ ғанӣ мегардонанд.

Аҳамияти амалии таҳқиқот: Дар таҳқиқоти диссертатсионӣ амсилаи иҷтимоӣ-педагогии мутобиқсозии афсарони ҷавон дар низоми корҳои тарбиявии Қуввахои мусаллахи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо риояи маҷмуи шароити педагогии таҳия гардида, ба такмили мазмун ва шаклҳои фаъолияти тарбиявӣ мусоидат менамояд ва ба раванди таълимии пойгоҳи тачрибавӣ ворид карда шуда, амалан санҷида шудааст;

- таҳқиқот метавонад боиси беҳтар шудани методология ва усулҳои таълим дар донишкадаҳои ҳарбӣ шавад, ки воситаҳои мазкур барои таълим ва тарбия дар соҳаи мудофиа ва амният самаранокии бештар фароҳам оварад;

- натиҷаи корҳои тадқиқотӣ нақши афсаронро дар ҷомеа, нобаробарии иҷтимоӣ ва масъулиятҳои онҳо дар пешбурди сиёсати давлат мукаммал мегардонад. Ин, ба афзудани ҳисси масъулият ва иҷтимоиёти ҷавонон боис мегардад;

- мутобиқсозии фаъолияти афсарон ба эҷоди мувозинати хуб дар низоми кадрҳо ва роҳбарӣ мусоидат мекунад, ки ин барои омода намудани мутахассисони баландихтисоси соҳаи мудофиа ва афзоиши ҳамасолаи иқтидори давлат боис мегардад;

- таҳқиқоти мазкур ба эҷоди низоми муосири сиёсати ҷавонон дар қуввахои мусаллах ва сохторҳои давлатӣ мусоидат мекунад, ки ин ба таҳкими муносибати мусбати ҷавонон ба хизмати ҳарбӣ ва ҳаёти иҷтимоӣ боис мегардад.

Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот.Тавасути маълумотҳои омории аз васоили омодашуда ва истифода аз усулҳои муосири илмӣ-педагогӣ, аз ҷумла, таҳлили натиҷаҳои пурсишнома, саволнома, мусоҳиба ва мушоҳида дар шакли коркарди коркарди омории натиҷаҳо,ҷадвал ва диаграммаҳо пешниҳод шудааст. Татбиқи амалии натиҷаҳои таҳқиқот аввал дар мақолаҳои илме, ки дар маҷалаҳо, рӯзнома ва маҷмуъ мақолаҳои конференсияҳои илмӣ-амалӣ ба чоп расидааст ва баъдан дар фарзияи таҳқиқоти илмӣ инъикос ёфтааст.

Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ. Диссертатсия ба бандҳои зерини шиносномаи ихтисоси илмии 5.3.9 - Назария, методология ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (педагогикаи иҷтимоӣ) аз ҷумла, банди 1 - «Методологияи таҳқиқи фаъолияти иҷтимоӣ-педагогӣ, моҳият, сохтор, вазифа, принсипҳои онҳо; моделсозии равандҳои иҷтимоӣ-педагогӣ дар муассисаҳои таълимӣ»; банди 4 - «Сифати ташкили ҷорабиниҳои иҷтимоӣ-педагогӣ» (технология ва усули баҳодиҳии сифати фаъолияти иҷтимоию педагогӣ; меъёрҳо, нишондиҳандаҳои баҳодиҳии сифати фаъолияти иҷтимоию педагогӣ) мутобиқ мебошад.

Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот дар иҷрои фаъолиятҳои зерин **инъикос** меёбад:

- таҳлили амиқи адабиёту сарчашмаҳои илмӣ, баррасӣ ва шарҳу тафсири маълумоти дарёфтшуда ва ба низомдарории онҳо, коркарди мушоҳида ва таҷрибаву озмоиш бо зикри натиҷаҳои ноилшуда;
- таҳия ва интишори мақолаву дастурҳои илмӣ доир ба мавзуи таҳқиқот;
- омӯзиш, таҳлил ва арзёбии роҳу усул ва муайян кардани шароити педагогии истифодаи амсилаи таҳияшудаи мутобиқсозӣ дар амалияи корҳои тарбиявӣ бо афсарони ҷавон;
- гузаронидани корҳои таҷрибавию озмоишӣ, мавриди таҳлил ва арзёбӣ қарор додани натиҷаи таҳқиқот.

Натиҷаҳои аз таҳқиқоти диссертатсионӣ бадастовардаи унвонҷӯ бо бутунияти сохтории рисолаи илмӣ таъйид гашта, дар шакли алоқаҳои байниҳамдигарӣ сурат гирифта, дар доираи тақиқоти назариявӣ ва амсиласозиҳо, коркардҳои оморӣ, математикӣ ва компютерӣ нақши муҳим гузошта метавонанд.

Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия. Натиҷаҳои таҳқиқот дар конференсияҳои илмӣ-амалии ҳарсолаи олимон ва омӯзгорон, семинар-машваратҳои илмӣ-назариявии кафедраҳои Донишкадаи ҳарбии вазорати мудофиа Ҷумҳурии Тоҷикистон, зимни баромадҳою суханрониҳо дар конференсияҳои шаҳрӣ, вилоятӣ, ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ муаррифи гардидаанд. Натиҷаи асосии диссертатсия дар ҷаласаҳои васеъи Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон баррасӣ шуда, дар мақолаҳои илмии унвонҷӯй инъикос ёфтаанд.

Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия. Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар 19 интишороти муаллиф инъикос ёфтаанд, ки 6 номгӯйи онҳо мақолаҳои илмии дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи феҳристи тавсиянамудаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 12 номгӯйи мақолаҳо дар маҷаллаҳои гуногун, инчунин дар маҷмуаи маводи конференсияҳо ва 1 дастури методӣ ба табъ расидааст.

Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия. Таҳқиқоти диссертатсионӣ азихтисорот, муқаддима, се боб, хулосаҳои ҳар се боб, хулосаҳои умумӣ ва тавсияҳо, рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат аст. Ҳаҷми умумии диссертатсия аз 222 саҳифаи матни компютерии бо ёрии протсессори Microsoft Word ҳарфчинӣ шуда, 13 ҷадвал ва 6 диаграмма ва 5 замимаро дар бар гирифтааст. Руйхати адабиёт фарогири 196 номгӯй мебошад.

МАЗМУНИ АСОСИИ ТАҲҚИҚОТ

Дар **муқаддима** муҳиммияти мавзуъи таҳқиқот асоснок карда шуда, шарҳи мухтасари дараҷаи омӯзиши он пешниҳод гардидааст. Ҳамчунин объект ва предмети таҳқиқот муайян шудаанд. Мақсад, вазифаҳо ва фарзияи кор таҳия гардида, асоси методологӣ, усулҳои таҳқиқот, пойгоҳи асосии он, марҳалаҳои асосӣ, навгониҳои илмӣ, аҳамияти назариявӣ ва арзиши амалии

кор, инчунин саҳеҳияти ғояҳои илмӣ, озмоиш ва татбиқи натиҷаҳо ва масъалаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда ба таври мухтасар баён шудаанд.

Боби якуми диссертатсия, ки «**Асосҳои назариявӣ-методологии мутобиқсозии афсарони ҷавон**» ном дорад, аз се зербоб иборат аст ва масъалаҳои зерин мавриди таҳлил қарор мегиранд: мафҳум ва моҳияти мутобиқшавии шахс дар педагогика ва илмҳои марбута (зербоби аввал); хусусияти мутобиқсозии касбӣ дар шароити хизмати ҳарбӣ (зербоби дуюм); нақши кори тарбиявӣ дар мутобиқсозии афсарони ҷавон (зербоби сеюм).

Мутобиқсозии шахсият яке аз мафҳумҳои асосӣ дар педагогика, психология, сотсиология ва дигар илмҳои гуманитарӣ мебошад. Ин раванд асоси ташаккули инсон ҳамчун узви ҷомеа маҳсуб ёфта, дорои арзишҳо, меъёрҳо, муносибатҳо ва рафторҳои муайян мебошад. Дар шароити тағйироти босуръати иҷтимоӣ ва ҷаҳонишавӣ таҳлили моҳият ва механизмҳои иҷтимоӣ, ҳадафҳо, марҳилаҳо ва омилҳое, ки ба рушди шахсият таъсир мерасонанд, махсусан, муҳим аст.

Педагоги маъруфи тоҷик доктори илмҳои педагогӣ, профессор Ф.Гулмадов дар бораи раванди иҷтимоишавии шахс чунин менависад: «Иҷтимоишавӣ – ин раванди аз худкардани меъёрҳои ахлоқӣ, арзишҳои миллӣ ва рафтори коллективӣ дар фаъолияти якҷоя аст. Шахс шахс намешавад, то дар коллектив (гурӯҳ) обутоб наёбад» [20, с. 58].

Хусусияти муносибати педагогӣ ба мутобиқсозӣ дар мақсаднокӣ, муташаккилӣ ва низомнокӣ ифода меёбад. Баръакси равиши сотсиологӣ ё психологӣ педагогика ба ташаккули шахсият тавассути таълим, тарбия ва рушд дар муҳити таълимӣ такя мекунад. Дар ин ҳолат, он ба маълумоти илмҳои ҳамҷавори психология сотсиология, фалсафа, фарҳангшиносӣ такя намуда, раванди мутобиқи байнисоҳавиро таҳлил менамояд.

Дар илми психология чунин марҳилаҳои мутобиқшавиро ҷудо кардаан: мутобиқсозии ибтидоӣ (сини то мактабӣ ва мактабӣ), ки дар он малакаҳои асосии муошират, эътимод ба ҷаҳон, меъёрҳои рафтор ташаккул меёбанд; мутобиқсозии давраи наврасӣ, ҷавонӣ: азхудкунии нақшҳои нави иҷтимоӣ, васеъ кардани доираи муошират, ташаккули консепсияи «Ман»; мутобиқсозии баъдӣ (ҳаёти калонсолӣ): ҳамгироӣ ба муҳити касбӣ, мутобиқ шудан ба нақшҳои нав - корманд, ҳамсар, волидайн ва ғайра.

Дар илмҳои ҳарбӣ мутобиқсозӣ ҳамчун раванди иҷтимоӣ ва педагогӣ-психологӣ муайян карда шудааст. Педагоги соҳаи ҳарбӣ В.В. Алексеев дар асараш «Педагогика ва психологияи фаъолияти ҳарбӣ» қайд кардааст, ки: «меъёрҳо ва арзишҳои муҳити низомиро аз худ мекунад; нақшҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ муҳимро аз худ мекунад (тобеъ, фармондеҳ, рафиқ); мутобиқшавии хизматчии ҳарбӣ «ба шароити хизмати ҳарбӣ, интизоми дастаҷамъӣ ва иерархия мутобиқ мешавад». [15, с.112]

Дар педагогика мутобиқсозӣ ҳамчун таъсири мақсаднок ва идорашавандаи муҳити таълимӣ ба ташаккули шахсият баррасӣ карда мешавад, дар ҳоле ки дар илмҳои ҳамҷавор (психология, сотсиология) ба ҷанбаҳои стихиявӣ ва фарҳангии мутобиқсозӣ таъкид мекунанд.

Раванди иҷтимоӣ аз таваллуди инсон оғоз гирифта, тамоми умр идома ёфта, марҳилаҳои гуногунро (ибтидоӣ, дуюмдараҷа ва ресосиализатсия) фаро мегирад.

Дар раванди мутобиқсозӣ институтҳо (оила, донишкада, ВАО, давлат ва ғайра), инчунин ҳомилони мутобиқсозӣ, ки дониш, арзишҳо ва муносибатҳои мутобиқро интиқол медиҳанд, аҳамияти муҳим доранд.

Доктори илмҳои педагогӣ, профессор Х.Раҳимзода ва муаллифони китоби дарсии «Маърифати оиладорӣ» синфи 10 чунин иброз доранд «... оилаи солиму хушбахт ва маърифати хонаводагии падару модар дар оила асоси тарбияи фарзанд ба ҳисоб рафта,ҷомеаи солим низ ба насли бомаърифат, донишманд, ватанпараст, забондон ва дорои ахлоқи ҳамида ниёз дорад» [30, с.5].

Мутобиқсозии касбӣ дар артиш як қатор хусусиятҳои хос дорад, ки он аз мутобиқсозии касбҳои шаҳрвандӣ фарқ мекунанд. Ин ба шароити беназири хизмати ҳарбӣ, хусусиятҳои фарҳанги ҳарбӣ, интизоми сахт ва дараҷаи баланди масъулият вобаста мебошад.

Хизмати ҳарбӣ дар сохтори иерархии (силсиламаротибӣ) дақиқ сохта мешавад, ки дар он ҳар як хизматчии ҳарбӣ ҷои қатъии муайянро ишғол мекунад. Мутобиқсозии касбӣ на танҳо азхудкунии дониш ва малакаҳои касбӣ, балки фаҳмидани ҷойгоҳи худ дар ин иерархия, эҳтиром ба рутбаи баланддошта ва иҷрои фармонҳоро бидуни муҳокима дар бар мегирад. Ин дар хизматчиёни ҳарбӣ ҳисси масъулият ва ӯҳдадориро ба вуҷуд меорад.

Аз рӯйи ақидаҳои С.В. Овсянников ва Е.В. Шориков: «Ташаккули афсар ҳамчун шахсият дар шароити интизоми баланд, иерархияи институтсионалӣ, талаботи махсуси ахлоқӣ сурат мегирад. Иҷтимоишавӣ дар муҳити ҳарбӣ бояд хусусияти хизмати ҳарбиро, аз ҷумла ватандӯстӣ, масъулият, омодагӣ ба фидокорӣ, идоракунии коллективро ба назар гирад». [14]

Хизматчиёни ҳарбӣ ва кормандони хадамоти таъҷилӣ мунтазам бо ҳолатҳои фавқулода дучор меоянд, ки ин амалиёти фавриро талаб мекунанд. Аз ин рӯ, барои омодагии равонӣ назорат кардани тарс, бартараф сохтани изтироб ва дигар эҳсосоти манфӣ таълим дода мешавад. Ба ин усул ҳамчунон омӯзиши идоракунии фишори равонӣ, машварати равонӣ, дастгирии гурӯҳӣ дохил мешаванд. Ташаккули ирода, фидокорӣ ва қобилияти амал кардан дар шароити душвор як қисми омодагии равонӣ мебошад. Масалан, амалияи мулоҳиза ва машқҳои равонӣ ба афзоиши тамаркуз ва идоракунии захираҳои дохилӣ мусоидат мекунад.

Тибқи гуфтаи С.И. Кучмиева: «Раванди мутобиқсозӣ аз лаҳзаи даъват ё дохил шудан ба муассисаи таълимии ҳарбӣ оғоз ёфта, дар тӯли тамоми хизмати ҳарбӣ идома меёбад» таъкид менамояд, ки омилҳои ҳавасмандгардонии иҷтимоии касбии донишҷӯён дар давраи рефлексия дар донишкада давраҳои зеринро дар бар мегирад: «шиносоӣ бо фарҳанг ва анъанаҳои ҳарбӣ. Ба наваскарон оинномаҳо, расму оинҳои ҳарбӣ ва меъёрҳои рафтор таълим дода мешавад;ташаккули малакаҳои касбӣ, ки ба

азхудкунии техникаи ҳарбӣ, яроқ ва тактика вобаста аст; мутобиқати психологӣ, яъне одат кардан ба реҷаи артиш, ҳамкорӣ дар коллектив, бартараф кардани фишори равонӣ, изтироб» вобаста аст» [23, с.47].

Ҳамин тариқ, дар артиш мутобиқсозӣ ба ташаккули руҳияи гурӯҳӣ ва малакаҳои ҳамкории дастаҷамъӣ зич алоқаманд аст. Хизматчиёни ҳарбӣ якҷоя кор карданро меомӯзанд, якдигарро дастгирӣ мекунанд, на танҳо барои амалҳои худ, балки барои амалҳои ҳамкорон масъулиятро ба дӯш мегиранд. Ин кор мутобиқсозии ҳарбиро аз бисёр касбҳои ғайринизомӣ, ки ба нафъи афрод ҳастанд, фарқ мекунонад. Муассисаҳои таълимии муосири ҳарбӣ на танҳо вазифаи омода кардани мутахассисони соҳаи мудофиа ва амниятро иҷро мекунанд, балки хислатҳои шахсии афсарони ояндаро низ ташаккул медиҳанд. Яке аз вазифаҳои муҳимтарини донишкадаҳои ҳарбӣ кори тарбиявӣ мебошад, ки ба ташаккули сатҳи баланди интизом, хусусиятҳои ахлоқию маънавӣ ҳисси ватандӯстӣ ва омодагӣ ба хизмат ба Ватан равона шудааст.

Муҳаққиқ Ф.А. Ҳодибоев дар рисолаи илмиаш қайд мекунад, ки «Корҳои тарбиявӣ дар донишкадаи ҳарбӣ ин раванди мақсаднок ва мунтазами таъсиррасонӣ ба курсантҳо бо мақсади ташаккули хусусиятҳои муҳимми касбӣ, муқаррароти устувори ахлоқӣ ва ҳуқуқӣ, ҳисси вазифа, коллективизм ва масъулияти шаҳрвандӣ мебошад. Он қисми ҷудонашавандаи раванди умумии таълим буда, камолоти шахсии афсарони ояндаро таъмин мекунад» [31, с.113].

Пас аз омӯзишу таҳлилҳо мо ба чунин хулосае омадем, ки таснифи корҳои тарбиявӣ дар раванди хизмати ҳарбӣ чунин аст (Ҷадвалҳои 1 ва 2)

Ҷадвали 1. Таснифи корҳои тарбиявӣ дар донишкадаҳои ҳарбӣ аз рӯйи таъиноти мақсаднок (самти тарбия)

Намуди тарбия	Мақсад ва вазифаҳои
Шаҳрвандӣ-ватандӯстӣ	Инкишофи шуури шаҳрвандӣ ва ватандӯстӣ, садоқат ба Ватан ва омодагӣ барои ҳимояи манфиатҳои давлат
Ахлоқию маънавӣ	Ташаккули ахлоқию маънавии равишҳои тарбиявӣ, шараф, ҳисси иҷрои вазифа ва масъулияти шахсӣ
Ҳуқуқӣ	Дониш ва масъулиятҳои ҳуқуқӣ, низомномаҳои низомӣ ва қонунгузорӣ
Психологӣ	Беҳтар кардани устувории равонӣ, рушди худтанзимкунӣ ва малакаҳои роҳбарӣ
Эстетикӣ	Инкишофи эстетикии завқи фарҳангӣ ва ниёзҳои эстетикӣ
Ҷисмонӣ	Инкишофи ҷисмонии истодагарии ҷисмонӣ, интизом ва ирода
Касбӣ-ҳарбӣ	Ташаккули шахсияти касби ҳарбӣ ва ҳувияти ҳарбӣ, ҳавасмандии касбӣ

Ҷадвали 2. Таснифи корҳои тарбиявӣ дар донишкадаҳои ҳарбӣ тибқи таъиноти мақсаднок аз рӯйи шаклҳои ташкилӣ

Намуд ва шакл	Намуна
Инфиродӣ	Суҳбатҳо бо мураббӣ, дастгирии равонӣ, супоришҳои инфиродӣ
Гурӯҳӣ	Дарсҳо бо гурӯҳи омӯзишӣ, взвод, рота;омӯзишҳо, муҳокимаҳо
Оммавӣ	Парадҳои тантанавӣ, ҳамоишҳо, консертҳо ва чорабиниҳои умумидонишкадаӣ

Вазифаҳои асосии кори тарбиявӣ дар заминаи мутобиқсозии афсарони ҷавон инҳоянд: ташаккули ҳавасмандии дохилӣ барои иҷрои хизмат, ҳисси вазифа, масъулият; интиқол ва таҳкими арзишҳо: ватандӯстӣ, шараф, интизом, эҳтиром ба анъанаҳо; рушди устувории ахлоқӣ-равонӣ, омодагӣ ба озмоишҳо; мутобиқшавӣ ба муҳити ҳарбӣ: тобеият, кори дастаҷамъӣ, ҳамкорӣ дар коллектив;пешгирии номувофиқатӣ, рафтори девиантӣ, низоъҳо.

Шаклҳои асосии тарбияи шахсӣ-ахлоқӣ оид ба мутобиқсозии афсарони ҷавон дар артиши ҷумҳурии мо фаъолиятҳои зеринро дар бар мегирад: лексияҳо ва суҳбатҳо дар мавзуъҳои ахлоқӣ-маънавӣ, ки ба руйдодҳои таърихи халқи тоҷик асос ёфтаанд; вохӯриҳо бо собиқадорон, қаҳрамонони Ватан, волидони хизматчиёни ҳарбии ҳалокшуда; боздид аз ёдгориҳо, осорхонаҳо, иштирок дар ёдбудҳо; шабнишиниҳо бахшида ба ҷашнҳои миллӣ: Рӯзи таъсисёбии Артиши миллӣ, Рӯзи Ғалаба, Ваҳдати миллӣ, Рӯзи дониш, Истиқлолияти миллӣ, Сада, Наврӯз, Тиргон, Меҳргон, Рӯзи Конститутсия, Рӯзи парчами миллӣ ва ғайра; бозиҳои ҳарбӣ-ватандӯстӣ, тамринҳои саҳроӣ, ки дар онҳо вазъиятҳои интихоби ахлоқӣ тақлид карда мешаванд; рӯзҳои худомӯзишӣ, ки афсарон таҳлилҳои инфиродӣ мегузаронанд ва дастурҳои ахлоқии худро бо роҳбаладон муҳокима мекунанд.

И. Давлатшоев доктори илмҳои педагогӣ дар бораи расму оинҳо ва ҷашнҳо миллӣ чунин ақида доранд: «Педагогикаи халқӣ...бо расму оинҳои мардумӣ, ёдгориҳои таърихӣ, суннатҳои волои рӯзгордорӣ, маросимҳои халқии Наврӯзи Аҷам, иди Меҳргон, иди Сада, туйҳои арӯсию домодӣ... алоқамандии зич дорад». [21, с.158]

Усулҳои асосии тарбияи шахсӣ-ахлоқӣ дар артиши ҷумҳурии мо оид ба мутобиқсозии афсарони ҷавон чунинанд: намунаи шахсияти фармондеҳон воситаи асосии таъсири ахлоқӣ; усули боваркунонӣ тавассути мисолҳои воқеии ҳаёт, афоризмҳо, ҳикояҳо дар бораи қаҳрамонон; эҷоди муҳити пурмазмуни ахлоқӣ дар бошишгоҳҳо (казармаҳо), машқҳо, хизмати ҳаррӯза; усули худшиносӣ - таҳлили ҳолатҳои муноқишавӣ ва ахлоқии мураккаб; семинарҳои психологӣ ва педагогӣ бо мақсади инкишоф додани ҳамдардӣ, ростқавлӣ ва худдорӣ.

Дар боби дуюми диссертатсия, ки **«Технологияи мутобиқсозии афсарони ҷавон дар низоми корҳои тарбиявии Қувваҳои мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон»** аст, чунин зербобоҳо ҷойгир карда шудааст амсилаи педагогӣ-иҷтимоии мутобиқсозии афсарони ҷавон дар раванди корҳои тарбиявӣ **(зербоби аввал);** шароитҳои ташкилию педагогии мутобиқсозии афсарони ҷавон дар ҷараёни корҳои тарбиявӣ (зербоби дуюм); шаклҳои асосии кори тарбиявӣ дар раванди мутобиқсозии афсарони ҷавон (зербоби сеюм).

Диққати асосӣ дар ин боб ба амсилаи иҷтимоӣ-педагогии мутобиқсозӣ, шароити ташкилию педагогӣ, шаклҳо ва усули корҳои тарбиявӣ дар самти мутобиқшавии бомуваффақияти афсарони ҷавон нигаронида шудааст. Амсилаи иҷтимоӣ-педагогӣасоси назариявии кори тарбиявӣ буда, ба

раванди мутобиқсозӣ муносибати ҳаматарафаро нишон медиҳад. Он ба ҳамкории омилҳои гуногуни иҷтимоӣ ва педагогӣ, ки ба рушди афсарони ҷавон таъсир мерасонанд, асос ёфтааст. Муҳим он аст, ки амсила на танҳо омӯзиши касбӣ, балки рушди шахсӣ, мутобиқшавӣ ба ҳаёти ҳарбӣ ва тарбияи ахлоқиро низ ба назар мегирад. Раванди мутобиқшавӣ танҳо бо омӯзиш ва интизом маҳдуд намешавад; он ҷанбаҳоеро ба монанди дастгирии равонӣ, рушди руҳияи гурӯҳӣ, ташаккули масъулият ва меъёрҳои ахлоқиро низ дар бар мегирад.

Шароити ташкилию педагогии мутобиқсозӣ унсури муҳимест, ки ба самаранокии корҳои тарбиявӣ бо афсарони ҷавон таъсир мерасонад. Дар шароити Қувваҳои мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои мутобиқсозии бомуваффақият бояд сохтори дахлдори ташкилию педагогӣ, ки ҷанбаҳои гуногуни тарбияро, аз дастгирии руҳӣ-эҳсосотӣ то омодагии касбӣ, муттаҳид созад, ба роҳ монда шавад. Барои ин, таъмини ҳайати роҳбаладон, афсарон, омӯзгорон, психологон, ки дар ҳамаи марҳилаҳои иҷтимоӣ дастгирӣ мекунанд, муҳим буда, ба эҷоди фазои эътимод, ки тамоми ҷонибҳои ҳамкориро дастгирӣ мекунад, диққати махсус додан лозим аст.

Муҳаққиқи ватанӣ И.А. Абзалов оид ба шароитҳои педагогии мутобиқсозӣ чунин иброз менамояд: «Шаклҳои кори педагогӣ- психологии мутобиқсозӣ унсури муҳимми низоми корҳои тарбиявии Қувваҳои мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, онҳо барои саривақт ошкор кардани мушкилоти мутобиқшавӣ, пешгирӣ намудани ҳолатҳои манфии психологӣ, суботкории шахс ба омилҳои душвории касбӣ дар хизмати ҳарбӣ мусоидат менамояд» [16, с.24].

Аҳамияти усулҳои мутобиқсозӣ дар таъмин намудани ҳамкориҳои мустақим бо ҳайат шахсӣ ифода меёбад. Усули самараноки корҳои тарбиявӣ, аз қабили машваратҳои инфиродӣ ва гурӯҳӣ, машғулиятҳо, иштирок дар машқҳои дастаҷамъӣ ва мусобиқаҳои варзишӣ ҳам ба рушди ҷисмонӣ ва ҳам ташаккули тобоварии равонӣ ва хусусиятҳои роҳбарӣ дар афсарони ҷавон мусоидат мекунанд. Усулҳое, ки ба ҳалли вазифаҳои мушаххас равона шудаанд (масалан, усули рафъи фишори равонӣ, танзими рафтор, рушди масъулияти шахсӣ ва ташаббускорӣ) ба раванди самараноктар ва ҳамоҳангтари мутобиқсозӣ мусоидат мекунанд. Муҳим он аст, ки усули корҳои тарбиявӣ ҳам рушди устувории хусусиятҳои инфиродӣ ва ҳам ташаккули ҳамкории дастаро таъмин созанд.

Тамоми низом барои таъмини мутобиқсозии касбӣ, шахсӣ ва равонӣ, инчунин рушди арзишҳои ахлоқӣ ва маънавӣ, ки асоси муваффақияти артиш аст бояд хизмати кунад. Мутобиқсозии самараноки афсарони ҷавон дар шароити Қувваҳои мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон на танҳо омодагии касбӣ, балки муносибати бодиққат ба вазъи маънавӣ ва рушди шахсии ҳар як афсарро талаб карда, дар ниҳоят ба таҳкими фидокорӣ, масъулият ва ватандӯстӣ дар байни кадрҳои нави қувваҳои мусаллаҳ мусоидат мекунад.

Тавре, ки академик И.Х. Каримова қайд менамояд, ки «Тарбияи шахсӣ-ахлоқӣ ин раванди мақсадноки педагогӣ мебошад, ки ба ташаккули принсипҳои баланди ахлоқӣ, эҳсоси ватандӯстӣ, ақидаҳои гуманистӣ, қобилияти худидоракунии ахлоқӣ ва матонатӣ дар назди мушкилоти ҳаёт равона шудааст» [25, с 97].

Амсилаи ҷадвалии иҷтимоӣ-педагогии мутобиқсозии афсарони ҷавон дар низоми корҳои тарбиявии Қуввахои мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷадвали 3 оварда шудааст.

Ҷадвали 3. Тарҳи ҷадвалии амсилаи мутобиқсозии педагогӣ-иҷтимоии афсарони ҷавон дар низоми корҳои тарбиявии Қуввахои мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон

Қисми мақсадноқ	**Мақсад:** ташаккули шахсияти аз ҷиҳати касбӣ, ахлоқӣ ва иҷтимоӣ омодаи афсари ҷавон, ки барои иҷрои вазифаҳои хизматӣ ва ҳамгирой ба ҳайати хизмати ҳарбӣ омода аст.
Қисми методологӣ	**Равишҳои методологӣ:** Равиши ботартиб, равиши шахсӣ- фаъолиятӣ; иҷтимоӣ –педагогӣ; аксиологӣ;
	Принсипҳо: принсипи якпорчагӣ ва ботартиб; принсипи пайвастагӣ; принсипи субъективӣ (иштироки фаъоли корманд); -принсипи таваҷҷӯҳи касбӣ; -принсипи таваҷҷӯҳи илмӣ ва рушд; -принсипи мутобиқшавӣ ва ба назар гирифтани хусусиятҳои инфиродӣ; -принсипи аҳамияти иҷтимоӣ.
	Ҷузъҳо: ҷузъи системавӣ; ҷузъи фаъолияти шахсӣ; ҷузъи иҷтимоӣ-педагогӣ.
Қисми мундариҷа ва технологӣ	**Шаклҳои асосӣ:** дастаҷамъӣ; инфиродӣ; гурӯҳӣ; коллективӣ; бозӣ **Таснифи аз рӯи шакл:** **шифоҳӣ:** лексияҳо, вохӯриҳо, мубоҳисаҳо, гузоришҳо, муҳокимаҳо, вохӯриҳо бо собикадорон; **амалӣ:** нақшбозӣ, машқҳои низомӣ, сафарҳо ба иншооти низомӣ, чорабиниҳои варзишӣ; **визуалӣ:** намоишгоххои мавзӯӣ, рӯзномаҳои деворӣ, амсилаҳои таълимӣ, презентатсияҳои мултимедиявӣ.
	Усулҳои асосӣ: **фаъол:** нақшбозӣ ва вазъиятӣ, омӯзиш бо тавассути хизмат, роҳнамой, бозиҳои корӣ, фикрронӣ, муҳокимаҳо, усулҳои лоиҳавӣ; **интерактивӣ:** усули омӯзиши парвандаҳо, мизҳои мудаввар, таҳлили вазъиятҳои мушаххаси низомӣ, лоиҳаҳои эҷодӣ, дарсҳои маҳорат; **анъанавӣ:** шарҳдиҳӣ-тасвирӣ, кисман чустучӯӣ, тадкикотӣ.
	Захираҳо: визуалӣ: моделҳо, харитаҳо, презентатсияҳои ТИК, лавҳаҳо; **шунавой:** радио, сабтҳои аудиоии лексияҳои ҳарбӣ; **аудиовизуалӣ:** дарсҳои видеой, филмҳо, воситаҳои мултимедиявӣ; **рақамӣ:** захираҳои электронии таълимӣ, шабакаҳои маҳаллӣ ва ҷаҳонӣ, сомонаҳои интернетӣ; **чопӣ:** китобҳои дарсӣ, воситаҳои таълимӣ, китобҳои истинодӣ.
Қисми ташкилӣ ва методологӣ	**Марҳилаҳо:** Ташхисӣ-омодагӣ, шиносой ва воридшавӣ ба муҳити ҳарбӣ, мутобиқшавии ибтидой, мутобиқшавии иҷтимоӣ-касбӣ ва назорати-таҳлилӣ.
	Шароити педагогӣ: 1. Шароити ташкилӣ.2. Шароити кадрӣ. 3. Шароити ахлоқӣ ва маънавӣ. 4. Шароити методӣ.
Қисми натиҷавӣ	**Меъёрҳо. Педагогӣ:** аз худ кардани меъёрҳо, арзишҳо ва қоидаҳои хизмати ҳарбӣ. **Равонӣ:** камолоти ахлоқӣ ва шахсӣ, ҳамкорӣ дар даста, ба даст овардани тобоварӣ. **Иҷтимоӣ:** омодагӣ барои нақшҳои иҷтимоии афсар;
	Сатҳҳо: баланд; миёна; паст.
	Натиҷа: ташаккули шахсияти афсари ҷавони аз ҷиҳати касбӣ омода, аз ҷиҳати иҷтимоӣ мутобиқшуда ва аз ҷиҳати ахлоқӣ тобовар, ки ба иҷрои вазифаҳои хизматӣ ва ҳамгирой ба ҳайати шахсии Қуввахои мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон қодир бошанд.

Амсилаи пешниҳоднамудаи мо, ки дар заминаи таҳқиқоти педагогӣ ва иҷтимоӣ таҳия гардидааст, аз панҷ қисмат иборат буда, ҳамчунон пайдарпайи ва мақсаднокии мутобиқшавии объекти таҳқиқшаванда - афсарони ҷавонро инъикос намуда, барои пешгӯӣ, ташкил ва арзёбии натиҷаҳои рушди он мусоидат менамояд. Амсила ҳамзамон вазифаҳои таҳлилӣ, пешгӯӣ ва ташкилию педагогии корҳои тарбиявиро иҷро карда,

объекти таҳқиқотро дар шакли назоратшаванда ва идорашаванда инъикос мекунад.

Академик Ф.Шарифзода дар асари худ қайд мекунанд, ки «Амсиласозӣ дар таҳқиқоти илмӣ маънои сохт ва истифодаи намунаҳо барои омӯзиши ягон чизи зоҳиршударо дорад. Он пайдарҳамии амалҳоро дар бар мегирад, яъне дар ин раванд аввал хусусиятҳои муҳимми объект муайян карда мешаванд, баъд амсилаи он сохта шуда, бо асл муқоиса ва ислоҳ мегардад». [32, с 101]

Дар амсила унсурҳои асосии зерин ҷудо карда мешаванд: мақсадгузорӣ, ки вазифаҳои мутобиқшавӣ, ташаккули хусусиятҳои касбӣ, ахлоқӣ-маънавӣ ва мутобиқи шахсияти афсарро муайян мекунад; асосҳои методологӣ - муносибатҳои тартибнокӣ, шахсӣ-фаъолиятнокӣ, иҷтимоӣ-педагогӣ ва аксиологиро дар бар гирифта, асоснокии илмӣ ва таркибӣ раванди тарбияро таъмин мекунанд; ҷузъи пурмазмун ва технологӣ мундариҷаи иҷтимоӣ ва усул, шаклҳо ва воситаҳои мушаххаси корҳои тарбиявиро, аз ҷумла бозиҳои нақшӣ ва вазъиятӣ, семинарҳо, фаъолияти лоиҳавӣ ва усули парвандаро инъикос мекунад; қисми ташкилию методӣ, ки банақшагирӣ, сохтор ва ҳамоҳангсозии чорабиниҳои тарбиявиро, аз ҷумла тақсимоти масъулиятро байни омузгорон, роҳбаладон ва ҳайати фармондеҳон таъмин менамояд; ҷузъҳои натиҷавӣ натиҷаҳои интизоршудаи мутобиқшавиро ба монанди устувории ахлоқӣ-психологӣ, азхудкунии меъёрҳо ва арзишҳои хизмат, салоҳияти касбӣ, қобилияти ҳамгироӣ ба коллектив ва иҷрои вазифаҳои хизматӣ инъикос мекунад.

Дар ин хусус олимони соҳаи педагогика М.Лутфуллоев ва Б.Қ. Қодиров чунин қайд мекунанд, ки «Модели таҷрибавии низоми корҳои тарбияӣ чорӣ карда, сифатҳои нави касбӣ ва шахсӣ мақсаднок ташаккул дода мешавад ва самаранокии гипотезаи пешниҳодшуда санҷида мешавад»[28, с. 118].

Барои истифодаи самараноки мусобиқаҳои варзишӣ ва бозиҳои ҳарбӣ-амалӣ дар корҳои тарбиявӣ риояи принсипҳои зерин муҳим аст: 1. Банақшагирӣ ва омодагӣ. 2. Ҳавасмандии иштирокчиён. Дар Оинномаи интизоми ҳарбӣ низ оиди ҳавасмандгардонӣ чунин навишта шудааст: «Ҳавасмандгардонӣ яке аз воситаҳои муҳими тарбияи хизматчиёни ҳарбӣ ва таҳкими интизоми ҳарбӣ мебошад. Ҳар як командир (сардор) дар доираи ҳуқуқҳое, ки ҳамин оиннома барояш пешбинӣ намудааст ӯҳдадор аст, ки хизматчиёни ҳарбии тобеашро барои корнамоӣ, ташаббуси оқилона, ҷидду ҷаҳд ва корномаи хизматӣ ҳавасманд намояд.

Дар сурате, ки агар командир (сардор) ҳуқуқҳои барояш додашударо нокифоя шуморад, ӯ метавонад барои бо ҳуқуқи командири калон (сардор) ҳавасманд намудани хизматчиёни ҳарбие, ки хизмати шоён намудаанд, дархост пешниҳод кунад» [11, с.3]. 3. Гуногунрангӣ. 4. Амният ва арзёбии натиҷаҳо. 5. Таҳлили хатоҳо ва натиҷаҳо(хатти монеа; машқҳои тактикӣ; самтгирӣ дар маҳал) 6. Лексияҳо ва семинарҳо. 7. Чорабиниҳо оид ба пешгирии хастагии касбӣ ва дастгирии равонӣ-эҳсосии афсарон. 8. Муқаррар намудан ва татбиқи ҳадафҳои инфиродии рушди касбӣ.

Усули самараноки корҳои тарбиявӣ, аз қабили машваратҳои инфиродӣ ва гурӯҳӣ, машғулиятҳо, иштирок дар машқҳои дастаҷамъӣ ва мусобиқаҳои варзишӣ ҳам ба рушди ҷисмонӣ ва ҳам ташаккули устувории равонӣ ва хислатҳои роҳбарӣ дар афсарони ҷавон мусоидат мекунанд. Усулҳое, ки ба ҳалли вазифаҳои мушаххас равона шудаанд (масалан, усули рафъи фишори равонӣ, танзими рафтор, рушди масъулияти шахсӣ ва ташаббускорӣ) ба раванди самараноктар ва ҳамоҳангтари мутобиқсозӣ мусоидат мекунанд. Муҳим он аст, ки усули корҳои тарбиявӣ ҳам рушди хусусиятҳои инфиродӣ ва ҳам ташаккули ҳамкории устувори дастаро таъмин созанд.

Аз нигоҳи психологи маъруфи тоҷик Н.М. Юнусова «Сарбозоне, ки дар оилаи солим тарбия ёфтааст ду сифати ҷангӣ дорад:

1.Эҳсоси қарз ба Ватан (чунки қарз ба оиларо омӯхтааст).

2. Қобилияти итоат ва ҳамзамон ташаббус ва баръакс, муноқишаҳои доимии оила (ҷанҷоли волидайн, талоқ) боиси паст шудани тобоварии ҳарбӣ мегардад [33, с.149].

Дар боби сеюми диссертатсия «Санҷиши озмоишӣ-таҷрибавии самаранокии амсилаи мутобиқсозии афсарони ҷавон дар раванди кори тарбиявӣ» ном дошта, аз чор зербоб иборат аст ва масъалаҳои зерин мавриди таҳлил қарор мегиранд: меъёрҳо, нишондиҳандаҳо ва усулҳои баҳодиҳии самаранокии мутобиқсозии афсарони ҷавон дар ҷараёни корҳои тарбиявӣ (зербоби аввал); ташкил ва гузаронидани марҳилаи муайянкунандаи озмоиши педагогӣ (зербоби дуюм); марҳилаи ташаккулдиҳандаи озмоиши педагогӣ (зербоби сеюм); марҳилаи назоратии озмоиши педагогӣ (зербоби чорум).

Барои баҳодиҳии объективии самаранокии мутобиқсозии афсарони ҷавон дар ҷараёни корҳои тарбиявӣ, якчанд усулро истифода бурдан мумкин аст, ки на танҳо сабти маълумоти миқдорӣ, балки ташхиси сифатии тағироти шахсиро низ имкон медиҳанд, аз ҷумла: саволномаҳо ва пурсишҳо; санҷиши равонӣ-ташхисӣ; назорат; аттестатсия ва ротатсия; муҳокимаҳои гурӯҳӣ ва бозиҳои нақшӣ.

Дар доираи марҳилаи муайянкунандаи озмоиши педагогӣ вазифаҳои зерин ҳпл карда шуданд: 1) Омӯзиши равандҳои таълимии ҷорӣ ва таълимии дар донишкадаҳои ҳарбӣ суратгирифта. 2) Арзёбии дониш, малака ва хислатҳои шахсии афсарон, ки ба мутобиқшавии онҳо таъсир мерасонанд. 3) Муайян кардани мушкилот дар низомӣ корҳои тарбиявӣ, ки ба мутобиқсозии бомуваффақияти афсарони ҷавон монеъ шуда метавонад.


Педагогҳои маъруфи тоҷик М. Лутфуллоев ва Б. Қ. Қодиров чунин менависанд: «Дар марҳилаи муайянкунанда ҳолати воқеии масъала омӯхта мешавад. Вазифаи ин марҳила муайян кардани сатҳи аввалияи донишу маҳорати хонандагон то оғози озмоиш аст. Дар ин марҳила пажӯҳишгар ба раванд даҳолат намекунад, балки танҳо мушоҳида карда, далелҳо ҷамъ мекунад» [28, с. 97].

Афсарони ҷавон ба гурӯҳи озмоишӣ, ки дар он афсарони ҷавон (24 нафар хатмкунадагони донишкадаҳои ҳарбии дигар давлатҳо) дар таҳқиқот

ва чорабиниҳои тарбиявӣ иштирок карданд ва гурӯҳи назоратӣ бо фарогирии афсароне (24 нафархатмкардагони Донишкадаи ҳарбии Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон соли хатм 2022), ки барои муқоисаи натиҷа дар таҳқиқот иштирок мекунанд, ҷудо карда шуданд.


Барои ноил шудан ба ҳадафҳои гузошташуда саволномае истифода мешавад, ки ба ҷамъоварии маълумот дар бораи дарки шахсӣ, таҷрибаи иҷтимоӣ ва арзёбии чорабиниҳои таълимӣ нигаронида шудааст. Дар таҳқиқот пурсишномаҳои кушод ҳам пурсишномаҳои пӯшида истифода шуданд.

Натиҷаи пурсишномаҳо чунинанд (диаграммаҳои 2-4).




Диаграммаи 1. Натиҷаҳои пурсишнома дар марҳилаи муайянкунандаи озмоиши педагогӣ (Иштирок дар кори дастаҷамъона)

Таҳлили натиҷаҳои пурсишнома дар марҳилаи муайянкунандаи озмоиши педагогӣ (Иштирок дар кори дастаҷамъона)




Диаграммаи 2. Натиҷаҳои пурсишнома дар марҳилаи муайянкунандаи озмоиши педагогӣ (Арзёбии самаранокии чораҳои таълимӣ).

Таҳлили натиҷаҳои пурсишнома дар марҳилаи муайянкунандаи озмоиши педагогӣ (Кадом хислатҳо барои хизмати муваффақ муҳиманд?)



Диаграммаи 3. Натиҷаҳои пурсишнома дар марҳилаи муайянкунандаи озмоиши педагогӣ (Кадом хислатҳо барои хизмати муваффақ муҳиманд?)



Диаграммаи 4. Натиҷаи нақши кори тарбиявӣ дар мутобиқшавӣ

Мутобиқсозии иҷтимоӣ:

1) Сатҳи мутобиқсозӣ дар ҳар ду гурӯҳ аз сатҳи миёна пасттар буд. Афсарон дар гурӯҳҳои озмоишӣ ва назоратӣ дар маҷмуъ мутобиқати иҷтимоии худро паст ё миёна арзёбӣ мекунанд.

2) Дар вақти озмоиш гурӯҳи озмоишӣ танҳо 29% мутобиқсозии афсаронро баланд арзёбӣ карданд, дар дар гурӯҳи назоратӣ бошад 33%.

3) Ин ба мушкилот дар корҳои тарбиявӣ ва зарурати саъйи иловагӣ барои бомуваффақият мутобиқ кардани афсарони ҷавон ишора карда метавонад.

2.Иштирок дар кори дастаҷамъӣ:

1) 50% иштирокчиёни гурӯҳи озмоишӣ ва 45% иштирокчиёни гурӯҳи назоратӣ дар кори дастаҷамъӣ кам ё тамоман иштирок намекунанд.

2) Ин метавонад аз сабаби ҳамгироии нокифояи афсарон ба коллектив ва сатҳи пасти ҳамкории байни ҳамкасбон бошад, ки беҳтар кардани машғулиятҳои гурӯҳӣ ва супоришҳои амалиро талаб мекунад.

3.Самаранокии чорабиниҳои таълимӣ:

1) Арзёбии чорабиниҳои таълимӣ инчунин нишон медиҳад, ки тақрибан 55% афсарони гурӯҳи озмоишӣ онҳоро на он қадар самаранок меҳисобанд, ки ин аз ҳисоби миёна камтар аст (дар муқоиса бо натиҷаҳои қаблӣ, ки дар он баҳои баландтар нишон дода шудааст).

2) Дар гурӯҳи назоратӣ натиҷа низ камтар буд, бо 50% афсарон, ки изҳор доштанд аз иштирок дар чорабиниҳо ба натиҷаи дилхоҳ ноил нашудаанд.

Хислатҳои шахсӣ ва омодагии касбӣ: дар муқоиса бо таҳлили пешакӣ дар ҳар ду гурӯҳ коҳиши худбаҳодиҳии хусусиятҳои касбӣ ва шахсӣ мушоҳида мешавад. Масалан, дар гурӯҳи озмоишӣ танҳо 65% афсарон масъул ва 60% ташаббускор ҳисобида, ки аз ҳисоби миёна камтар аст. Дар гурӯҳи назоратӣ ин нишондиҳандаҳо мутаносибан 70% ва 55% - ро ташкил медиҳанд.

Натиҷаҳои пурсиш: Сатҳи мутобиқшавӣ дар коллектив: 57% афсарони гуруҳи назоратӣ мушкилоти мутобиқшавӣ ба коллектив муайян карда шуд. Ин аз сабаби набудани омӯзиш дар соҳаи кори дастаҷамъӣ ва норасоии малакаҳои муошират буд. 42% пурсидашудагон қайд карданд, ки бо ҳамкоронашон тамос гирифтан душвор аст; 35% афсарони гурӯҳи озмоишӣ дар бораи мушкилоти иҷтимоӣ хабар доданд, ки ин аз ҳамгироии

муваффақтар ба коллектив шаҳодат медиҳад, аммо ҳанӯз ҳам мушкилоти муайян вуҷуд доранд. 50% пурсидашудагон дастгирии ҳамкоронро эҳсос мекунанд, ки ин сатҳи баландтари эътимодро дар гурӯҳ нисбат ба сатҳи назорат нишон медиҳад.

Нақши кори тарбиявӣ дар мутобиқшавӣ: 38% афсарони гурӯҳи назоратӣ изҳор доштанд, ки кори тарбия самаранок нест ва 44% ба набудани амалҳои мушаххасе, ки ба рушди руҳияи командирӣ равона карда шудаанд, ишора карданд. Ин фарзияро тасдиқ мекунад, ки кори тарбиявӣ дар ин гурӯҳ беҳбудиро талаб мекунад; 80% афсарони гурӯҳи озмоишӣ гуфтанд, ки корҳои тарбиявӣ ба мутобиқсозии онҳо таъсири мусбат расондаанд. Машғулиятҳо ва чорабиниҳои гуногун барои рушди кори дастаҷамъӣ ва хислатҳои роҳбарӣ ташкил карда шуданд.



Диаграммаи 5. Натиҷаи санҷиши психологӣ.

Натиҷаҳои санҷиши равонӣ:

Санҷиши мутобиқсозии иҷтимоӣ: холи миёнаи гурӯҳи назоратӣ: аз рӯйи мавқеи мутобиқсозии иҷтимоӣ 3,1% буда, дар раванди таҳлил аксар вақт доир мушкилоти ба коллективи нав дохил шудан ва дарки эътибор ба афсарони ҷавон муайян мешуд; холҳои миёнаи гурӯҳи озмоиши 3,8 буд, ки 0,7 хол баландтар буд. Ин сатҳи баланди иҷтимоӣ ва мутобиқшавӣ дар коллективро тавассути кори самараноки тарбиявӣ тасдиқ мекунад.

Санҷиши ҳолати эҳсосӣ: 60% афсарони гурӯҳи назоратӣ, сатҳи баланди изтироб ва фишори равонӣ доранд, ки бо ноамнӣ дар гурӯҳ ва дастгирии нокифояи роҳбарият алоқаманд аст; дар гурӯҳи озмоишӣ, изтироб 15% камтар буд, ки ин нишондиҳандаи паст шудани сатҳи фишори равонӣ ва устувории бештари эҳсосӣ мебошад, ки ба иштирок дар корҳои тарбиявӣ ва дастгирии ҳамкорон алоқаманд аст.

Хислатҳои шахсӣ: 45% пурсидашудагони гурӯҳи назоратӣ сатҳи пасти устувории эҳсосӣ ва сатҳи пасти мувофиқаро нишон доданд, ки аз мушкилоти муносибатҳои байнишахсӣ ва кори дастаҷамъӣ шаҳодат медиҳад;**:** Натиҷаҳои гурӯҳи озмоишӣ нишондиҳандаҳои баландтари ҳамоҳангсозиро нишон доданд, ки ба қобилияти беҳтари ҳамкорӣ, ошкорбаёнии баланд ба таҷрибаҳои нав ва хусусиятҳои роҳбарӣ ишора мекунанд.

Санҷиши кори дастаҷамъӣ: гурӯҳи назоратӣ: 55% афсарон дар кори дастаҷамъӣ мушкилот доранд, ки бо омодагии нокифоя ва набудани

малакаҳои ҳамоҳангсозии самараноки амалҳо дар гурӯҳ алоқаманд буд; 80% афсарони гурӯҳи озмоишӣ дар бораи сатҳи хуби омодагӣ ба кор дар гурӯҳ қарор доштанд, ки муваффақияти кори тарбиявиро барои рушди ин малакаҳо тасдиқ мекунад.

Хулоса марҳилаи муайянкунандаи озмоиш зарурати муносибати амиқтар ба корҳои тарбиявӣ ва таълимиро нишон дод. Ин ба ҳамгироии афсарони ҷавон ба коллектив, беҳтар кардани мутобиқсозии равонии онҳо ва мутобиқсозии онҳо равона карда шудааст, ки минбаъд ба хизмати муваффақ ва рушди касбии онҳо мусоидат мекунад.

Мақсади озмоиши ташаккулдиҳанда муайян кардан ва баланд бардоштани сатҳи мутобиқшавии афсарони ҷавон тавассути озмоиши шаклҳои гуногуни корҳои тарбиявӣ буд. Мо ба рушди ҳам хусусиятҳо касбӣва ҳам шахсии афсарон, таҳкими ҳамкории гурӯҳии онҳо ва баланд бардоштани устувории равонӣ диққат додем, ки он дар навбати худ ба мутобиқшавӣ ва иҷрои вазифаҳои хизматӣ мусоидат мекунад. Озмоиши педагогӣ аз рӯйи шаклҳои асосии зерини кори тарбиявии раванди мутобиқсозӣ гузаронида шуд, аз ҷумла:

1. Машварати инфиродӣ бо роҳбаладон ва равоншиносон. 2. Дастгирии равонӣ. 3. Мураббии инфиродӣ. 4. Машғулиятҳои муштарак ва дарсҳои амалӣ. 5. Бозиҳои нақшӣ барои амсиласозии ҳолатҳо. 6. Вазифаҳои таълимии дастаҷамъӣ. 6.Омӯзиш ва машғулиятҳои муштарак. 7. Мусобиқаҳои варзишӣ ва бозиҳои ҳарбӣ-амалӣ. 8.Чорабиниҳо ва маросимҳои тантанавӣ. 8.Шаклҳои ташкилию хизматии мутобиқсозӣ. 9. Иҷрои амалии вазифаҳо дар взвод таҳти роҳбарии афсарони калон. 10. Иштирок дар омодагии фаврӣ ва тактикӣ. 11. Лексияҳо ва семинарҳо оид ба таърих ва анъанаҳои Қувваҳои Мусаллаҳ. 12. Дарсҳои маҳорати оид ба рушди касбӣ, роҳбарӣ ва ахлоқ**.** 13. Мизҳои мудаввар ва мубоҳисаҳо дар мавзуъҳои мубрам. 14. Озмоиши равонӣ. 15. Машғулиятҳодар бораи тобоварӣ ба душвории касбӣ ва эътимод ба худ. 16. Дарсҳо бо омӯзгорон ва мутахассисон оид ба ислоҳи муносибатҳои байнишахсӣ. 17. Ҳавасмандӣ ба худомузӣ ва рушди шахсӣ. 18. Барномаҳои худшиносӣ ва рушди шахсӣ. 19. Чорабиниҳои фарҳангӣ барои рушди хусусиятҳои эҷодӣ ва роҳбарӣ.

Моҳияти озмоиши ташаккулдиҳанда истифодаи усули гуногуни мутобиқсозӣ буд, ки ба рушди маҷмуъи хислатҳои шахсӣ ва касбии афсарони ҷавон равона карда шуда буданд. Мо шаклҳои гуногуни корҳои таълимиро татбиқ кардем, ки ба афсарон барои мутобиқ шудан ба хизмат, таҳкими руҳияи гурӯҳӣ ва рушди малакаҳои роҳбарӣ кумак мекарданд.

Дар Қувваҳои мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон ду давраи омӯзиши: давраи зимистона, ки аз моҳи декабр то моҳи май давом медиҳад ва давраи тобистона аз моҳи июл то моҳи ноябр давом медиҳад. Барои арзёбии самаранокии озмоиши гузаронидашуда усул ва воситаҳои зеринро истифода бурдем.

Дар рафти озмоиш ба амсилаи омодакарда такя намуда, барои таҳлили рафти иҷтимоишавии афсарони ҷавон **«Нақшаи машғулиятҳои таълимӣ оид**

корҳои тарбиявӣ барои гурӯҳӣ таҷрибавӣ» сохта шуда, дар мӯҳлати 2 моҳ дар ду гурӯҳ таҷрибавӣ таҳлил карда шуд. Машғулиятҳо дар нимсолаи аввал моҳҳои феврал ва март, ҳар рузи ҷумъа гузаронида ба нақша гирифта шуд. Мавзуҳои интихобшуда, мутобиқ ба рӯзҳои таҷлили идҳо, ки дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ ёфтааст: Рӯзи Артиши милли Тоҷикистон, Рӯзи модарон, Наврӯз, расму оинҳои миллӣ ва унсурҳои корҳои тарбияро дар бар мегирад.

Ҷадвали 4. Нақшаи машғулиятҳои таълимӣ роҷеъ ба корҳои тарбиявӣ барои гурӯҳӣ таҷрибавӣ моҳи феврал

Моҳи феврал		
Ҷумъа	Мавзуъ	Мақсад
1	Тоҷикистон Ватани ман	Тарбияи ҳисси ватандӯстӣ, ифтихори миллат, арзишҳои миллӣ ва садоқат ба Ватан дар қалби афсари ҷавон, баланд бардоштани масъулияти ҳарбӣ дар ҳифзи арзишҳои миллӣ ва Истиқлолияти давлат.
2	Садоқат ба қасами ҳарбӣ	Тарбияи ҳисси баланди масъулиятшиносӣ, садоқат ба қасами ҳарбӣ, дарки амиқи қасами ҳарбӣ моҳияти ҳуқуқӣ, ахлоқӣ ва маънавии қасам ҳамчун аҳди муқаддас бо Ватан, халқ ва Сарфармондеҳи Олӣ ва омода будан ба иҷрои вазифаи хизматӣ то охири нафаси ҳаёт.
3	Ватан-номуси миллат	Дар шуури афсари ҷавон ташаккул додани фаҳмиши амиқи ватандӯстӣ ҳамчун олии номус, шаъну шараф ва ғурури миллӣ, тарбияи омодагии ахлоқӣ барои ҳифзи Ватан ҳамчун фифзи номуси хонавода, оила ва шаси хеш.
4	Терроризм ва экстримизми диннӣ-хатари ҷаҳонӣ	Хатари террориз ва экстримизми динӣ ҳамчун хатари ҷидди ҷаҳонӣ ба амнияти миллю минтақавӣ, баланд бардоштани хушёрии сиёсӣ ва мафкуравии афсарони ҷаваон, ташаккул додани масъулити идеологӣ ва пешгирии шомилшавии ҷавонон ба ҳизбу ҳаракатҳои ифротӣ

Ҷадвали 5. Нақшаи машғулиятҳои таълимӣ роҷеъ ба корҳои тарбиявӣ барои гурӯҳӣ таҷрибавӣ моҳи март

Моҳи март		
Ҷумъа	Мавзуъ	Мақсад
1	Нақши модар дар тарбияи ватандӯстии фарзанд	Нишон дордани нақши модар дар омӯзонидани забони тоҷикӣ, арзишҳои миллӣ ва ахлоқи ҳамида.
3	Наврӯз дар замони Истиқлолият-эҳёи арзишҳои миллӣ бо ташаббуси Сарфармондеҳи Қувваҳои мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон	Нақши таърихии Пешвои миллат Сарфармондеҳи олии Қувваҳои мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомли Раҳмон дар эҳё, ҳифз ва ба ҷаҳон муаррифи намудани ҷашни Наврӯз ҳамчун рамзи давлатдории миллӣ ва ваҳдати миллӣ, тарбияи ҳайати шахсӣ дар руҳияи эҳтиром ба арзишҳои миллию фарҳангӣ ва баланд бардоштани ифтихори миллӣ давраи Истиқлолият.
4	Меҳмоннавозӣ - хислати асили миллати тоҷик	Тарбияи афсарони ҷавон дар руҳияи эҳтиром ва рояи арзишмандтарин хислати милли тоҷикон-меҳмоннавозӣ, ташаккул додани маданияти баланди муошират, инсондӯстӣ ва муносибати хайрхоҳона бо мардуми маҳаллӣ, ҳамхизматон ва меҳмонон дар ҷараёни иҷрои вазифа.

Тибқи амсилаи тартибдода, дар ду моҳ мавзуъҳои машғулиятҳо дар асоси Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [7] ва дигар санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ гузаронида шуд. Барои муайян намудани натиҷаи машғулиятҳо, аз байн бурдани мушкилот дар корҳои дастаҷамъӣ, мушкилоти дар боло зикргашта ва барои мутобиқсозии афсарони ҷавон мавзуъи «Сабру таҳаммул ва бузургворӣ- гарави сулҳу Ваҳдат», ки дар Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [7] боби 2, самти «Тарбияи ахлоқӣ ва таҳаммулпазирӣ», «эҳтироми андешаи дигарон, сабру таҳаммул ва инсондӯстӣ», моддаи 8-и Қонун «Дар бораи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон» [4] оид ба ташаккули тафаккури таҳаммулпазирӣ интихоб шуд. Аз руи дар ин самт пурсишнома тартиб дода, натиҷаи пурсиш таҳлил гашт. Ба мавзуъ нақшаи намунавии машғулияти тарбиявӣ дар замимаи 7 пешкаш мегардад.

Баъд аз гузаронидани машғулиятҳо пурсишнома замимаи 5 пур карда шуд. Боз пурсиши афсарон дар марҳилаи назоратии озмоиш воситаи муҳим барои арзёбии тағйирот дар ҳолати омодагии онҳо ба корҳои тарбиявӣ, сатҳи иҷтимоӣ ва дарки нақши онҳо дар коллектив гардид. Пурсишномаҳое, ки дар аввал ва охири озмоиш гузаронида шуданд, имкон доданд тағйиротҳое, ки дар натиҷаи чорабиниҳои таълимӣ ба амал омадаанд, муайян карда ва таъсири онҳо ба ҷанбаҳои гуногуни мутобиқсозии касбӣ ва шахсии афсарони ҷавон арзёбӣ карда шуд.

Пурсишнома якчанд самтҳои асосӣ ҳам саволҳои пӯшида ва ҳам кушодаро дар бар гирифтааст:

-вобаста ба масъалаҳое, ки дар машғулиятҳои муҳокима карда шуд, муайян кардани сатҳи донишистани сиёсати давлат, кор дар коллектив, унсурҳои тарбия, эътимод ба худ, ҳавасмандӣ ва қаноатмандӣ аз хизмат нигаронида шудаанд. Барои ин меъёр аз пурсишномаҳои пешакӣ тартибдодашуда истифода намудем;

-саволҳо дар бораи сабру таҳаммул, ба вазифаи ишғолнамудаашон чи гуна таъсир мерасонад, худро чӣ гуна мебинанд, оё онҳо аз рушди касбии худ қаноатманданд ва то чӣ андоза онҳо аҳамияти риояи меъёрҳои касбӣ ва ахлоқи ҳарбиро медонанд, иборат буд.

Барои таҳлили амиқ ва арзёбии воқеъбинона натиҷаҳо аз рӯйи ҳар як ҷанбаи пурсишнома, нишондиҳандаҳои асосии оморӣ - арзишҳои миёна (арифметика), инҳирофҳои стандартӣ ва коэффитсиентҳои вариантӣ ҳисоб карда шуданд. Муқоисаи натиҷаҳои пеш аз ва баъд аз озмоиш имкон дод, ки то чӣ андоза тағйирот ба амал омадааст ва кадом ҷанбаҳои мутобиқшавӣ ба беҳбудиҳои бештар дучор шудаанд.

Дар натиҷаи пурсиш мо омӯзиш ва таҳлили сатҳи ташаккулёбии фарҳанги таҳаммулпазирӣ, сабру бузургворӣ ва маданияти муошират дар бани афсарон, муайян намудани омилҳои ба ин падида таъсирросан ва арзёбии самаранокии чораҳои тарбиявии гузаронидашуда дар асоси талаботи Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон».

Ғайр аз он, мо афсаронеро, ки таҳаммулпазирии худро дар гурӯҳ ва дар хизмат чӣ гуна қабул мекунанд ва ҳамчун мутахассис онҳо то чӣ андоза омодаанд, арзёбӣ намудем.

Пурсиш нишон дод, ки аксари афсарон нишондиҳандаҳои таҳаммулпазири худро хеле беҳтар карданд ва инчунин ба қобилият ва нақши худ дар коллектив эътимоди бештар пайдо намуданд.

Пурсишнома дар мавзуъи «Мафҳуми сабру тоқат ва таҳаммулпазирӣ» гузаронида шуда, дар он 58 нафар афсарони ду гурӯҳи иштирок намудаанд. Натиҷаи пурсишнома: Афсарони ҷавон пеш аз машғулиятҳо таҳаммулпазириро ҳамчун «бепарвоӣ», ё «заифӣ» мефаҳмиданд. Баъд аз хатми машғулиятҳо 91,6% афсарон ҷавоби -«эҳтиром ва қабули андешаи дигарон»- ро интихоб намудаанд.

Дар гуруҳи назоратӣ бошад, ин нишондиҳанда ҳамагӣ 58% -ро ташкил дод. Ба саволҳои «ҳолатҳои баҳсу муноқиша руҳ медиҳад»: гуруҳи назоратӣ 64 % нафар афсар иқрор шуданд, ки ҳолати маҳалгароӣ ва баҳсҳои забонӣ «баъзан рух медиҳад». Дар гурӯҳи таҷрибавӣ бошад 78% афсар навиштанд, ки пас аз машғулиятҳо моҳияти таҳаммулпазирӣ чунин ҳолатҳо ба таври назаррас кам шудааст.

Ба саволи «рафтор бо ҳамхизматон»: Хулосаи аз ҳама муҳим: дар гурӯҳӣ таҷрибавӣ 89,5 % (21 нафар) ҷавоб доданд, ки «Эҳтиром мекунам, агар ба хизмат халал нарасонад». Ин маҳз талаботи моддаи 8-и Қонуни ҶТ «Дар бораи тарбияи ватандӯстӣ» мебошад. Дар гурӯҳи назоратӣ ин рақам 45 % -ро ташкил дод.

Ба масъалаи «Арзишҳои миллӣ -Кадом зарбулмасали тоҷикӣ ба мафҳуми таҳаммулпазирӣ наздик аст?» дар гурӯҳи таҷрибавӣ 87,1 % зарбулмасали «Ба душман агар чархи бад хоҳад овард, ту неки кун»- ро ҳамчун асоси таҳаммулпазирӣ интихоб карданд. Дар гурӯҳи назоратӣ бошад 54 % бе ҷавоб монд. Ин нишони тарбияи миллӣ аст.

Ба саволҳои зерин, ки мазмуни омилҳои вайронкунанда дошт, ин савол ду хатари асосиро инокос мекард, аз гурӯҳи таҷрибавӣ чунин нитиҷа гирифта шуд:

1.Таъсири шабақаҳои иҷтимоӣ ва маводи ифротӣ (паст шуд) - 78,9 %

2.Паст будани фарҳанги муошират- 66,6 %

дар гурӯҳи назоратӣ:


1.Таъсири шабақаҳои иҷтимоӣ ва маводи ифротӣ (паст шуд) - 41,6 %

2. Паст будани фарҳанги муошират- 50,0 %

Дар хотимаи пурсиш саволи кушод оид ба усулҳои тарбиявӣ савол гузошта, афсарони гурӯҳи таҷрибавӣ усулҳои навро пешниҳод карданд, ки пештар истифода намебурданд: «Таҳлили вазъият», «Суҳбати инфиродӣ гӯш кардан дар ҳолати оромӣ», «Намунаи шахсии командир»

Пурсишнома муайян кард, ки машғулиятҳои дар асоси Консепсияи милли тарбия гузаронида шуда, машғулиятҳо самаранок буда, сатҳи таҳаммулпазирии афсарони ҷавонро ба ҳисоби миёна аз 58% ба 91,6 баланд бардоштааст. Фарқияти 33% байни гурӯҳи назоратӣ ва таҷрибавӣ аз ҷиҳати

педагогӣ исботи илмии зарурати ҷорӣ намудани чунин машғулиятҳо ба нақшаи ҳармоҳаи корҳои тарбиявӣ мебошад. Пурсишномаи мавзуъи «Сабру таҳаммул ва бузургворӣ - гарави сулҳу Ваҳдат», пурра гузаронида шуда, натиҷааш пешниҳод гашт.



Диаграммаи 6. Натиҷаи пурсишнома дар мавзуъи «Сабру таҳаммул ва бузургворӣ - гарави сулҳу ваҳдат»

Дар марҳилаи назоратӣ мо ба таҳлили тағйирот дар ҳолати равонӣ - эҳсосӣ, мутобиқшавии иҷтимоӣ ва ҳамоҳангии гурӯҳӣ дар байни иштирокчиёни озмоиш тамаркуз кардем. Барои ин татбиқи усули ҳамаҷонибаи арзёбӣ, аз ҷумла пурсишнома, мусоҳиба, санҷиши равонӣ ва арзёбии натиҷаҳои фаъолияти гурӯҳӣ муҳим буд.

Марҳилаи назоратии озмоиш маълумотро пеш аз ва баъд аз татбиқи чорабиниҳои тарбиявӣ муқоиса карда, барои фаҳмидани он, ки кадоме аз онҳо ба мутобиқгардонии афсарон таъсири бештар расонидааст ва инчунин ошкор кардани норасоиҳои имконпазир дар равишҳои интихобшуда имкон дод. Ҳамин тариқ, марҳилаи назоратӣ на танҳо воситаи арзёбӣ, балки имконияти ислоҳ ва такмили равандҳои тарбия ва мутобиқсозӣ дар амалияи минбаъда гардид. Дар ин бахш натиҷаҳои марҳилаи назоратӣ пешниҳод мегарданд, инчунин хулосаҳо дар бораи мақсаднокии истифодаи усул ва шаклҳои пешниҳодшудаи корҳои тарбиявӣ дар низоми омодасозии афсарони ҷавон асоснок карда мешаванд. Мақсади асосии марҳилаи назоратӣ арзёбии самаранокии усул ва шаклҳои амалишудаи корҳои тарбиявӣ дар асоси мушоҳидаҳо, таҳлили натиҷаҳо ва маълумоти муқоисавӣ пеш аз ва баъд аз гузаронидани таҷрибаи ташаккулёбанда буд. Мо кӯшиш мекардем, ки равишҳо ва фаъолиятҳои татбиқшуда воқеан ба беҳтар шудани мутобиқшавии касбӣ ва рушди шахсии афсарони ҷавон мусоидат кунанд.

Натиҷаҳои мусоҳиба:

1) Аксари афсарон қайд карданд, ки иштирок дар машғулиятҳои психологӣ ва машваратҳои инфиродӣ сатҳи фишори равонӣ ва изтиробро ба таври назаррас коҳиш додааст. Онҳо барои имконияти муҳокимаи мушкилоти шахсӣ ва касбӣ бо равоншиносон изҳори сипос карданд, ки ин ба онҳо дар мубориза бо мушкилот дар хизмат кумак кард.

2) Афсарон таъкид карданд, ки иштирок дар машғулиятҳои муштарак ва машқҳои дастаҷамъӣ ҳамкории онҳоро бо ҳамкасбон беҳтар кардааст.

Онҳо дар муносибатҳо кушодатар ва эътимодноктар шуда, руҳияи фармондеҳиро дар ҷузъу томҳо тақвият доданд.

3) Бисёре аз афсарон барои семинарҳо ва машғулиятҳои таълимӣ оид ба рушди шахсӣ ва касбӣ изҳори миннатдорӣ карда, қайд намуданд, ки ин чорабиниҳо ба онҳо барои нақши худро дар артиш беҳтар дарк кардан ва инчунин эътимоди худро нисбат ба худ афзоиш додан кумак кард.

4) Дар мусоҳиба бо роҳбарон ва роҳбаладон қайд карда шуд, ки раванди мураббигӣ дар беҳтар кардани мутобиқсозии афсарони ҷавон нақши калидӣ бозидааст. Афсарони калон ба ҷавонон на танҳо дар масъалаҳои хизматӣ, балки дар рушди шахсӣ низ кумак мекарданд, ки ин робитаҳоро дар коллектив мустаҳкам мекард.

5) Баъзе афсарон пешниҳод карданд, ки барномаҳои омодагии ҷисмонӣ тақвият дода шаванд ва ҳамкории байни ҷузъу томҳои гуногун барои беҳтар кардани кори дастаҷамъона пурзӯр карда шавад. Инчунин, ғояҳо дар бораи илова кардани семинарҳои амиқтар оид ба ахлоқи касбӣ ва стратегияи ҳарбӣ баён карданд.

Коркард ва таҳлили натиҷаҳои мусоҳиба:

Ҳама мусоҳибаҳо барои муайян кардани тамоилҳои умумӣ ва ҷанбаҳои калидӣ, ки бояд дар оянда ба назар гирифта шаванд, ташкил ва таҳлил карда шуданд. Мо усули таҳлили мундариҷаро барои таъкид кардани мавзуъҳо ва аксуламалҳои асосии иштирокчиён истифода кардем. Ҳар як мусоҳиба барои муайян кардани аксуламалҳои зуд-зуд ва пурмазмун сабт ва коркард карда шуд. Инчунин, муқоисаи андешаҳои иштирокчиён пеш аз ва баъд аз озмоиш гузаронида шуд, ки ба арзёбии дақиқи тағйирот дар дарки онҳо дар барнома имкон дод.

Хулосаҳо аз мусоҳибаҳо:

1). Барнома ба ҳолати равонэҳсосии афсарон таъсири мусбат нишон дод, ки ин бо баҳои баланди кумаки психологӣ ва машғулиятҳо тасдиқ карда мешавад.

2). Афсарон беҳтар шудани муносибатҳоро дар дохили коллектив қайд карданд, ки ин на танҳо ба баланд бардоштани самаранокии хизмат, балки ба ҳолати умумии маънавии ҷузъу том мусоидат мекунад.

3) Иштирок дар лексияҳо ва семинарҳо афсаронро ба нақши худ дар қуввaҳои мусаллаҳ эътимоди бештар бахшид ва огоҳии онҳоро дар бораи аҳамияти фаъолияти хизматӣ баланд бардошт.

Мусоҳибаҳо ба як воситаи муҳим барои гирифтани фикру мулоҳизаҳои босифат табдил ёфтанд, то ки барномаро дар оянда дақиқтар танзим кундан ва онро барои баланд бардоштани сатҳи мутобиқшавии афсарони ҷавон боз ҳам муассиртар гардондонанд.

4) Арзёбии ҳамкории гурӯҳӣ. Барои арзёбии сатҳи ҳамбастагии гурӯҳӣ, ҳамкории байни афсарон ва рушди хусусиятҳои роҳбарӣ мо натиҷаҳои машқҳои дастаҷамъӣ ва омӯзиши муштаракро, ки дар доираи марҳилаи озмоиши ташаккулдиҳанда ташкил карда шудаанд, таҳлил кардем. Ин таҳлил як қисми муҳимми марҳилаи назоратӣ гардид ва ин ба мо имкон

медиҳад муайян кунем, ки афсарон дар гурӯҳ то чӣ андоза самаранок кор мекунанд, нақшҳои роҳбарӣ чӣ гуна тақсим карда мешаванд ва то чӣ андоза онҳо вазифаҳои дастаҷамъиро бомуваффақият иҷро мекунанд.

Дар доираи озмоиш, афсарон дар машқҳои гуногуни фармондеҳӣ иштирок карданд, ки ҳам омодагии амалӣ ва ҳам назариявиро дар бар мегирифтанд. Мақсади асосии ин машқҳо беҳтар кардани ҳамкории байни аъзои гурӯҳ ва рушди малакаҳои кори дастаҷамъӣ буд. Мо як қатор чорабиниҳо, аз ҷумла машқҳои тактикӣ, амсиласозии ҳолатҳои гуногуни ҷангӣ ва инчунин машқҳои ҳамаҷонибаро ташкил кардем, ки қабули қарорҳои фавриро дар зери душвории касбӣ талаб мекунанд.

Дар ҷараёни машқҳои дастаҷамъӣ ва машғулиятҳо мо усули мушоҳидаро фаъолона истифода бурдем. Дастаҳо аз рӯйи якчанд нишондиҳандаҳои асосӣ баҳо дода шуданд, чунончи:

- ҳамоҳангсозии амалиёт: то чӣ андоза афсарон якҷоя кор мекарданд, вазифаҳоро тақсим мекарданд ва вазифаҳоро якҷоя ҳал мекарданд;

-қарорҳои фармондеҳӣ: чӣ гуна афсарон дар вақти маҳдуд ва дар сурати набудани маълумоти пурра қарор қабул мекарданд;

-роҳбарӣ: кӣ дар даста нақшҳои роҳбариро ба уҳда гирифт ва онҳо вазъиятро то чӣ андоза самаранок идора карданд;

-таъсири фишори равонӣ: чӣ гуна афсарон ба фишори равонӣ муқовимат карда, ба мушкилот ва шароити номуайян посух доданд.

Мо якчанд усулро барои баҳодиҳии объективии ҳамкории гурӯҳӣ истифода кардем: -меъёрҳо ва рейтингҳои баҳогузорӣ: ҳар як машқ ва омӯзиши гурӯҳӣ аз рӯйи меъёрҳои пешакӣ таҳияшуда баҳогузорӣ карда шуд, ки ин меъёрҳо ба монанди сатҳи ҳамкорӣ, хусусиятҳо роҳбарӣ, қабули қарорҳо ва устуворӣ ба душвории касбиро дар бар мегиранд;

-пурсиши иштирокчиён: пас аз ба итмом расидани ҳар як машқ, мо пурсиши иштирокчиёнро анҷом додем, ки дар он онҳо ҳам нақши худро дар даста ва ҳам амали дигар иштирокчиёнро арзёбӣ карданд. Ин ба мо имкон дод, ки фикру мулоҳизаҳои одилонаро аз афсарон дар бораи самаранок кор кардани дастаи онҳо гирем;

-мушоҳидаҳои роҳбарон: роҳбарон ва афсарони калон, ки машқ мекарданд, ҳисоботҳоро дар бораи ҳар як машқҳои дастаҷамъӣ пур намуда, ҷанбаҳои муҳимми кори дастаҷамъӣ ва роҳбариро қайд мекарданд.

Натиҷаҳои таҳлили ҳамкории гурӯҳӣ чунинанд:

-дар ҷараёни таҳлил мо беҳбудиҳои назаррасро дар сатҳи ҳамоҳангии даста мушоҳида кардем. Афсарон фаъолияти худро дақиқтар ҳамоҳанг карда, вазифаҳоро самаранок супориданд ва барои ҳадафи умумӣ кор карданд. Қайд карда шуд, ки пас аз якчанд машқҳои муштарак, бисёр афсарон ба ҳамкорони худ эътимоди бештар пайдо карданд, ки ин ба беҳтар шудани тағйирпазирии фармондеҳӣ мусоидат кард;

- дар ҷараёни машқҳои фармондеҳӣ баъзе афсарон хислатҳои қавии роҳбариро нишон доданд, ки ба эътимод ва қобилияти роҳнамоии дигарон таъсири мусбат расондани онҳоро мо мушоҳида кардем. Дар натиҷаи

машғулиятҳо нақшҳои роҳбарӣ ба таври табиӣ тақсим карда шуданд ва афсарон дар қабули қарорҳо фаъолона иштирок карданд. Баъзеи онҳо дар тафаккури стратегӣ ва қобилияти ҳавасманд кардани даста афзоиши назаррас нишон доданд;

-дар ҷараёни машқҳои фармондеҳӣ мо беҳтар шудани қобилияти афсаронро барои мубориза ба душвории касбро мушоҳида кардем. Дар ҳолатҳое, ки қабули қарорҳои зудро талаб мекарданд, аксарияти иштирокчиён қобилияти оромиро нишон медоданд, ки ин бевосита ба самаранокии онҳо дар шароити ҷангӣ ва омузишӣ таъсир мерасонд. Мо дидем, ки иштирокчиён ҳатто дар шароити номуайянӣ ва фишори баланд ба қабули қарорҳо бо эътимоди бештар шуруъ карданд;

- бо вуҷуди беҳбудиҳои назаррас, баъзе гурӯҳҳо ҳанӯз ҳам дар муошират мушкилот доштанд, алахусус дар лаҳзаҳои душвор. Дар баъзе ҳолатҳо, афсарон на ҳамеша тавонистанд маълумотро самаранок мубодила кунанд ва мушкилоти дар взвод ба миён омадаро ҳал кунанд. Аммо, ин як дастури муҳим барои такмили минбаъдаи барнома гардид, алахусус дар робита ба омӯзиши малакаҳои муошират.

Хулосаҳо аз таҳлили ҳамкории гурӯҳӣ:

1) Мо дарёфтем, ки аксари афсарон дар малакаҳои кори дастаҷамъӣ беҳбудиҳои назаррас нишон доданд, ки бевосита ба самаранокии иҷрои вазифаҳо ва ҳамкорӣ дар дохили гурӯҳ таъсир расонданд.

2) Хислати роҳбарии афсарон, хусусан дар ҳолатҳои душвории касбӣ, хеле беҳтар шуд. Барномаҳои омӯзишӣ ба афсарон худро ҳамчун роҳбари боэътимод ва қобилиятнок нишон додан кумак карданд.

3) Иштирок дар машғулиятҳо ва машқҳо ба афсарон барои эҳсоси худро беҳтар идора кардан ва ба ҳолатҳои душвории касбӣ мутобиқ шудан, ки ҷузъи муҳимми мутобиқсозии муваффақ дар артиш аст, кумак кард.

4) Мушкилот дар иртибот аён гаштанд ва ин ба зарурати такмили минбаъдаи малакаҳои муошират самаранок байни афсарон, хусусан, дар шароити вазъияти пуршиддат, ишора мекунанд.

Ҳамин тариқ, натиҷаҳои таҳлили ҳамкории даставӣ нишон доданд, ки иштирок дар машқҳои даставӣ ва машқҳои муштарак дар доираи озмоиш ба беҳтар шудани ҳамгироии даставӣ ва ҳам хусусиятҳои шахсии роҳбарикунандаи афсарон мусоидат кардааст. Мо ба хулосае омадем, ки барои такмили минбаъда идома додани рушди малакаҳои муошират муассир ва идоракунии фишори равонӣ дар шароити хизмат муҳим аст.

5.Таҳлили муваффақиятҳои касбӣ. Барои арзёбии ҳамаҷонибаи самаранокии озмоиши ташаккулёбанда, дар доираи марҳилаи назоратӣ мо инчунин таҳлили рушди касбӣ ва пешрафти касбии афсаронро анҷом додем. Ин арзёбӣ имкон дод муайян кунем, ки то чӣ андоза фаъолиятҳое, ки ба кори таълимӣ дохил карда шудаанд, ба рушди малакаҳои касбӣ, мансаб ва дастовардҳои хизматии иштирокчиён таъсир расонанд.

Раванди таҳлили муваффақиятҳои касбӣ:

1) дар ҷараёни озмоиш мо дастовардҳои касбии афсаронро, аз ҷумла пешрафти онҳо, баланд бардоштани сатҳи масъулият, иҷрои вазифаҳои корӣ ва такмили ихтисосро фаъолона пайгирӣ кардем. Мо маълумотро дар бораи таъинот ба вазифаҳои баландтар, иштирок дар вазифаҳои мураккабтар ва масъулиятнок ва сатҳи қаноатмандии афсарон аз мансабҳои худ сабт кардем.

2) мо пайгирии мунтазами дастовардҳои хизматии афсарон, аз ҷумла муваффақияти иҷрои вазифаҳои фаврӣ ва тактикӣ, иштирок дар машқҳои гуногун ва инчунин натиҷаҳои онҳоро дар арзёбии хизматӣ анҷом додем. Ин ба мо имкон дод, ки ба таври объективӣ баҳо диҳем, ки афсарон дар соҳаи касбии худ чӣ қадар рушд кардаанд.

3) барои баҳодиҳии дақиқтари самаранокии дахолат мо муваффақиятҳои мансабӣ ва хизматии афсаронро пеш аз оғози барномаи тачрибавӣ ва пас аз анҷоми он муқоиса кардем. Мо маълумотро дар бораи фаъолияти хизматӣ, дастовардҳои касбӣ ва инчунин худбаҳодиҳии афсарон дар бораи муваффақият ва пешрафти касбии онҳо истифода бурдем.

Хулосаҳо аз таҳлили муваффақияти касбӣ:

- таъсири чорабиниҳои ба рушди касбӣ нигаронидашуда мусбат буд. Иштирокчиёни озмоиш нишон доданд, ки дар дастовардҳои касбӣ ва пешрафт беҳтар шудаанд. Ин аз сатҳи баланди самаранокии корҳои таълимӣ ва барномаҳои рушд шаҳодат медиҳад;

- бисёр афсарони гурӯҳи озмоишӣ ба иҷрои вазифаҳое шуруъ карданд, ки дониш ва малакаи зиёдро талаб мекунанд, ки ин нишондиҳандаи рушди онҳо ҳамчун мутахассис мебошад;

- барномаҳое, ки ба ҳамкории дастаҷамъӣ, роҳбарӣ ва рушди касбӣ нигаронида шудаанд, ба ҳавасмандии мансаб ва ҳисси ифтихори онҳо аз хизмати худ таъсири мусбат расонд.

Ҳамин тариқ, натиҷаҳои таҳлили муваффақиятҳои касбӣ самаранокии баланди чорабиниҳои татбиқшаванда ва таъсири мусбати онҳоро ба рушди шахсӣ ва муваффақиятҳои касбии афсарон тасдиқ карданд.

Натиҷаҳои марҳилаи назоратӣ:

- аз рӯйи натиҷаҳои санҷиши психологӣ ва пурсиш, аксари афсарон коҳиши назарраси сатҳи фишори равонӣ, изтироб ва инчунин беҳтар шудани заминаи равонэҳсосиро нишон доданд. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки дастгирии равонӣ ва омӯзиши муқовимат ба фишори равонӣ самаранок буданд;

- натиҷаҳои пурсишҳо ва мусоҳибаҳо нишон доданд, ки афсарон ба худ эътимоди бештар пайдо намуда, малакаҳои ҳамкорӣ дар коллективро такмил дода, ба хусусиятҳои хизмат зудтар мутобиқ шуданд. Ин махсусан дар байни онҳое, ки дар шаклҳои инфиродӣ ва гурӯҳии иҷтимоӣ фаъолона иштирок мекарданд, ба назар мерасид;

- иштирокчиёни марҳилаи назоратӣ, машқҳои муштарак, машғулиятҳо ва чорабиниҳои варзишӣ, такмили малакаҳои гурӯҳӣ ва ташаккули ҳамгироӣ дар амалҳоро нишон доданд. Таҳлили иҷрои вазифаҳои

фармондеҳӣ афзоиши назарраси хусусиятҳои роҳбарӣ дар афсарони хурд нишон дод, ки ин самаранокии шаклҳои гурӯҳӣ ва коллективии мутобиқро тасдиқ мекунад;

- дар асоси арзёбии рушди мансаб ва дастовардҳои афсарон дар фаъолияти хизматӣ, хулоса баровардан мумкин аст, ки усули амалишуда, аз қабили роҳбаладӣ, машварат ва курсҳои таълимӣ ба баланд бардоштани малакаҳои касбӣ ва омодагии онҳо барои иҷрои вазифаҳои хизматӣ мусоидат кардаанд.

Барномаҳои дастгирии психологӣ ва педагогӣ, машғулиятҳои муштарак ва иштирок дар чорабиниҳои дастаҷамъӣ сатҳи мутобиқи афсаронро хеле баланд бардоштанд, вазъи маънавии онҳоро мустаҳкам карданд ва ба рушди хусусиятҳои роҳбарӣ мусоидат намуданд. Дар асоси маълумоти гирифташуда, метавон хулоса кард, ки шаклҳои пешниҳодшудаи корҳои тарбиявӣ барои истифодаи минбаъда дар низоми омодасозии афсарони ҷавон потенсиали баланд доранд.

Мутобиқсозии афсарони ҷавон як раванди гуногунҷабҳа мебошад, ки муносибати бонизом ва татбиқи шаклҳои гуногуни корҳои тарбиявиро талаб мекунад. Муҳим он аст, ки ҳамаи унсурҳои тарбия, аз машваратҳои инфиродӣ то машғулиятҳо ва машқҳои гурӯҳӣ, ба рушди хусусиятҳои шахсӣ ва касбии афсарон равона карда шаванд. Таъсири пешбинишудаи чунин кор дар он аст, ки афсарон на танҳо мутахассисони баландихтисос, балки шахсиятҳои аз ҷиҳати ахлоқӣ баркамол хоҳанд буд, ки омодаанд дар шароити масъулияти баланд ва душвории касбӣ самаранок кор кунанд, ки ин асоси хизмати муваффақ дар қувваҳои мусаллаҳ мебошад.

ХУЛОСАИ УМУМӢ ВА ТАВСИЯҲО

Дар рафти таҳқиқ масъалаи мутобиқсозии афсарони ҷавон дар ҷараёни корҳои тарбиявӣ дар Қувваҳои мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон тадқиқ карда шуд. Дар асоси таҳлили назариявӣ ва гузаронидани санҷиши озмоишӣ-таҷрибавии амсилаи пешниҳодшудаи мутобиқсозӣ, мо ба хулосаҳои муҳим оид ба зарурати муносибати ҳамаҷониба ба ташаккули хусусиятҳо касбӣ ва шахсии афсарон расидем.

1. Моҳият, сохтор ва хусусиятҳои мутобиқсозии афсарони ҷавон дар заминаи корҳои тарбиявӣ назариявӣ асоснок карда шудаанд, ки ин имкон дод мундариҷаи мафҳуми «мутобиқсозии касбӣ» дар робита ба шароити хизмати ҳарбӣ мушаххас карда шавад. Ин на танҳо азхудкунии малакаҳои касбӣ, балки ташаккули самтҳои арзиш, меъёрҳои ахлоқӣ ва руҳияи дастаро дар бар мегирад [1-М].

2. Хусусиятҳои хоси мутобиқсозии касбии хатмкунандагони донишкадаҳои ҳарбӣ дар давраи аввали хизмат, ки таъсири муҳити ҳарбӣ ва омилҳои ташкилию интизомиро инъикос мекунанд, ошкор карда шуданд. Дар ин раванд хусусиятҳои ҳамкории афсарон бо ҳамкорони ботаҷриба ва мутобиқ шудан ба сатҳи баланди масъулият ва қоидаҳои қатъӣ калидӣ мебошанд [3-М].

3.Таҳлили таркибии низоми амалкунандаи корҳои тарбиявӣ дар Қуввахои мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун воситаи мутобиқсозии афсарони ҷавон амалӣ карда шуда, тарафҳои он, ба монанди мутобиқсозии бомуваффақияти афсарон дар муҳити фармондеҳӣ, инчунин соҳаҳои мушкилот, ки такмилро талаб мекунанд, ба монанди дастгирии нокифояи равонӣ дар раванди мутобиқсозӣ ошкор карда шуданд [4-М].

4.Амсилаи иҷтимоӣ-педагогӣ муаллифии мутобиқсозии афсарони ҷавон дар низомӣ корҳои тарбиявӣ таҳия шудааст, ки муқаррароти назариявӣ ва равишҳои амалиро муттаҳид мекунад. Амсила на танҳо омӯзиши касбӣ, балки рушди ҳамаҷонибаи шахсият, дастгирии психологӣ, инчунин таҳкими меъёрҳои ахлоқӣ-маънавӣ ва ҳамкории ҷузъу томро дар бар мегирад [6-М].

5.Шароити ташкилию педагогӣ, ки ба мутобиқсозии бомуваффақияти афсарон дар давраи аввали хизмат мусоидат мекунад, муайян ва илмӣ асос ёфтааст. Муваффақияти иҷтимоӣ бештар аз мавҷудияти роҳбаладон, равоншиносон ва омӯзгорони соҳибихтисос ва фароҳам овардани фазои эътимодбахш барои дастгирии инкишоф ва рушди шахс вобаста аст [5-М].

6.Шакл, усул ва воситаҳои корҳои тарбиявӣ таълиф ва тавсиф карда шудаанд, ки самаранокии мутобиқ кардани афсарони ҷавонро ба муҳити касбии ҳарбӣ таъмин мекунанд. Ин шаклҳо ва усул ҳам машғулиятҳои инфиродӣ ва ҳам гурӯҳӣ, чорабиниҳои варзишӣ, кумаки равонӣ ва иштирок дар маросимҳои тантанавиро, ки ба таҳкими руҳияи ватандӯстии взвод нигаронида шудаанд, дар бар мегиранд [1-М].

7.Санҷиши озмоишӣ-таҷрибавӣ оид ба самаранокии амсилаи таҳияшуда гузаронида шуд, ки натиҷаҳои он аҳамияти амалӣ ва татбиқи онро дар шароити хизмат тасдиқ карданд. Ҳамаи марҳилаҳои озмоиш, аз ҷумла муайянкунанда, ташаккулдиҳанда ва назоратӣ, тағйироти мусбатро дар ҳолати психоэмотсионалӣ, мутобиқсозии иҷтимоӣ ва ҳамгироии фармондеҳии афсарон нишон доданд [3-М].

Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот

1. Тавсияҳои амалӣ оид ба ҷорӣ намудани амсилаи мутобиқсозӣ ба низомӣ корҳои тарбиявии Қуввахои мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба баланд бардоштани самаранокии он равона шудаанд, таҳия карда шуданд. Ин тавсияҳо ҳам беҳтар кардани шароити ташкилию педагогӣ ва ҳам таҳияи машғулиятҳои иловагӣ, чорабиниҳоеро дар бар мегиранд, ки ба таҳкими устувории психологӣ ва ҳамкории дастаҷамъӣ нигаронида шудаанд.

2. Таҳқиқоти анҷомдодашуда на танҳо аҳамияти муносибати пайдарпаӣ ба мутобиқсозии афсарони ҷавонро таъкид мекунад, балки самаранокии татбиқи корҳои ҳамаҷонибаи тарбиявиро, ки ба рушди хусусиятҳо касбӣва шахсии афсарон нигаронида шудаанд, тасдиқ менамояд. Дар асоси натиҷаҳои бадастомада, такмили минбаъдаи корҳои тарбиявӣ дар муассисаҳо ва қисмҳои ҳарбӣ пешниҳод карда мешавад, ки дар навбати худ ба беҳтар шудани хусусиятҳои фаъолияти хизматӣ ва баланд бардоштани

устувории умумии маънавии ҳимоятгарони ояндаи Ватан мусоидат хоҳад кард.

3. Дурнамои таҳқиқоти минбаъда ва кори амалӣ аз зарурати такмили минбаъдаи корҳои тарбиявӣ бо афсарон иборат аст. Бояд равишҳои ҳамаҷониба ва фардӣ таҳия ва ҷорӣ карда шаванд, ки тамоми хусусиятҳои муҳит ва шароити муосири низомиро ба назар гиранд ва мутобиқсозии самараноки афсарони ояндаро таъмин карда тавонанд. Ин на танҳо хусусиятҳои хизматро беҳтар мекунад, балки инчунин кадрҳои баландихтисосро омода мекунад, ки қобилияти роҳбарӣ, кори дастаҷамъӣ ва ҳалли самараноки вазифаҳои мураккаби дар назди қувваҳои мусаллаҳ қарордоштаро доранд.

ИНТИШОРОТИ ИЛМИИ ДОВТАЛАБИ ДАРЁФТИ ДАРАҶАИ ИЛМӢ

1. Мақолаҳое, ки дар нашрияҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шуданд:

[1-М] Ҳакимова Б.Р. Методҳои асосии пешбурди корҳои тарбиявӣ дар Қувваҳои мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] /Б.Р. Ҳакимова// Паёми Донишгоҳии миллии Тоҷикистон. 2015. № 3/5 (173). – С. 272-274. ISSN 2074-1847.

[2-М] Хакимова Б.Р. Аҳамияти ташкил ва гузаронидани корҳои тарбиявӣ дар Қувваҳои мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] /Б.Р. Хакимова// Паёми Донишгоҳии миллии Тоҷикистон. 2015. № 3/11 (188). – С. 253-256. ISSN 2074-1847.

[3-М] Хакимова Б.Р. Асосҳои педагогӣ ва психологии корҳои тарбиявӣ дар Қувваҳои мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] /Б.Р. Хакимова//Паёми Донишгоҳии миллии Тоҷикистон. 2015. № 3/3 (166). – С. 275-278. ISSN 2074-1847.

[4-М] Буриев Б., Ҳакимова Б.Р., Азизгиева Г. Технологияи истифодабарии маводи аёнӣ ва тақсимотӣ дар раванди таълим [Матн] /Буриев Б., Ҳакимова Б.Р., Азизгиева Г. // Паёми Пажӯҳишгоҳи рушди маориф. 2020. №6 (31). – С.28-36. ISSN 2617-5320

[5-М] Иматзода Л.М., Ҳакимова Б.Р. Хусусиятҳо педагогии иҷтимоишавии хизматчиёни ҳарбӣ дар коллективҳои ҳарбӣ [Матн] /Иматзода Л.М., Б.Р. Ҳакимова // Паёми Пажӯҳишгоҳи рушди маориф. 2025. №4 (52). – С. 5-10. ISSN 2617-5320.

[6-М] Ҳакимова Б.Р. Масъалаҳои ташаккули салоҳияти иҷтимоӣ – психологии афсарони ҷавон [Матн] /Б.Р. Ҳакимова// Паёми Пажӯҳишгоҳи рушди маориф. 2026. №1 (53). – С. 165-169. ISSN 2617-5320.

2. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷмуа ва дигар нашрияҳои илмӣ-амалӣ чоп шудаанд:

[7-М] Ҳакимова Б.Р. Навовариҳои методию амалӣ дар таҳқиқоти педагогӣ [Матн] / Б.Р. Ҳакимова// Илм ва инноватсия. Пажӯҳишгоҳи рушди маориф. 2014. №1-2 (7-8). – С. 49-52. ISSN 2308-3662.

[8-М] Ҳакимова Б.Р. Таҷрибаи таърихии ташкил ва гузаронидани корҳои тарбиявӣ бо хизматчиёни ҳарбӣ [Матн] / Б.Р. Хакимова// Илм ва инноватсия. Пажӯҳишгоҳи рушди маориф. 2015. №3 (13). – С. 35-41. ISSN 2308-3662.

[9-М] Ҳакимова Б.Р. Омӯзиши ҳолати руҳӣ равонии хизматчиёни ҳарбӣ дар замони осоишта ва ҳолати фавқулода [Матн] / Б.Р. Ҳакимова// Илм ва инноватсия. Пажӯҳишгоҳи рушди маориф. 2015.№4 (14). – С. 101-103. ISSN 2308-3662.

[10-М] Ҳакимова Б.Р. Зидди ифротгароӣ [Матн] /Б.Р. Ҳакимова// Паёми Академияи таҳсилоти Тоҷикистон. 2015. № 2, 3, 4. –– С. 89-94. ISSN 2222-9809.

[11-М] Ҳакимова Б.Р. Омода намудани кадрҳои педагогӣ дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ [Матн] /Б.Р. Ҳакимова// Илм ва инноватсия. Пажӯҳишгоҳи рушди маориф. 2016. №2 (16). – С. 24-26. ISSN 2308-3662.

[12-М] Ҳакимова Б.Р. Асосҳои ташкили муҳофизати шаҳрвандон дар ҳолатиҳои фавқулода [Матн] /Б.Р. Ҳакимова // Илм ва инноватсия. Пажӯҳишгоҳи рушди маориф. 2017. №1-2 (19). – С.12-15. ISSN 2308-3662.

[13-М] Ҳакимова Б.Р. Зиёев Қ. Баҳодиҳӣ ба фаъолияти таълимии хонандагон аз фанни «Омодагии ибтидоии ҳарбӣ» [Матн] /Б.Р. Ҳакимова// Илм ва инноватсия. Пажӯҳишгоҳи рушди маориф. 2017. №3-4 (20). – С. 126-142. ISSN 2308-3662.

[14-М] Ҳакимова Б.Р. Саҳми заниҳои Тоҷикистон дар ғалабаи Ҷанги Бузурги Ватанӣ [Матн] /Б.Р. Ҳакимова// Маводи конференсияи илмӣ бахшида ба «70-солагии Ғалаба дар Ҷанги Бузурги Ватанӣ солҳои 1941-1945». Институт таърих, археология ва этнографияи АИ ҶТ. 2015. Душанбе: «Дониш». - С.358-362. ISSN 978-99975-44-40-7.

[15-М] Ҳакимова Б.Р. Нақши муқаддасоти миллӣ дар тарбияи афсарони ҷавон [Матн] /Б.Р. Ҳакимова// Маводи конференсияи илмӣ бахшида ба Рӯзи Парчами давлатии Ҷумҳурии Точикистон. Донишкадаи ҳарбии вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе: «Сарбоз». 2015. - С.15-19.

[16-М] Ҳакимова Б.Р. Корҳои оммавӣ-сиёсӣ дар Тоҷикистон дар солиҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ [Матн] /Б.Р. Ҳакимова// Маводи конференсияи илмӣ бахшида ба «70-солагии Ғалаба дар Ҷанги Бузурги Ватанӣ солҳои 1941-1945». Донишкадаи ҳарбии вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. 2015. Душанбе: «Сарбоз». - С.15-19.

[17-М] Ҳакимова Б.Р. Иҷлосияи 16-ум ва Истиқлолияти кишвар дар тарбияи ватандӯстии хизматчиёни ҳарбӣ [Матн] /Б.Р. Ҳакимова// Маводи конференсияи илмӣ бахшида ба «25-солагии Иҷлосияи тақдирсоз». Донишкадаи ҳарбии вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе: «Сарбоз». 2017. - С.42- 51.

[18-М] Ҳакимова Б.Р. Истиқлолият шарафу номуси Ватандорӣ ва ифтихор аз давлату миллати хеш [Матн] /Б.Р. Ҳакимова // Маҷмуа мақола ва маърӯзаҳои устодони Коллеҷи техникию омӯзгорории н. Рӯдакӣ дар мавзуи «Эмомалӣ Раҳмон бунёдгузори сулҳ ва ваҳдати миллӣ». Душанбе. 2018. 92 с. С. 74-80.

3. Дастури методӣ

[19-М] Ҳакимова Б.Р. Дастури таълимӣ-методӣ барои омӯзгорони фанни «Омодагии ибтидоии ҳарбӣ». Душанбе: «Сифат». 2016. 101 с.

МИНИСТЕРСТВО ОБРАЗОВАНИЯ И НАУКИ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН
ИНСТИТУТ РАЗВИТИЯ ОБРАЗОВАНИЯ ИМЕНИ АБДУРАХМАНА ДЖАМИ АКАДЕМИИ ОБРАЗОВАНИЯ ТАДЖИКИСТАНА

На правах рукописи

УКД: 37.018+355.23(575.3)
ББК: 68.49(2Т)
Х-16



ХАКИМОВА БАРНО РУСТАМОВНА

ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ ОСНОВЫ АДАПТАЦИИ МОЛОДЫХ ОФИЦЕРОВ В СИСТЕМЕ ВОСПИТАТЕЛЬНОЙ РАБОТЫ ВООРУЖЕННЫХ СИЛ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН
(на примере выпускников военных вузов)

Автореферат
диссертации на соискание ученой степени кандидата педагогических наук по специальности 5.3.9. Теория и методика организации социально-культурной деятельности»
(социальная педагогика)

ДУШАНБЕ - 2026

Диссертационная работа выполнена в отделе педагогики, психологии и методики преподавания Института развития образования имени Абдурахмана Джами Академии образования Таджикистана.

Научный руководитель:	**Иматзода Лутфия Махмадулло** – доктор педагогических наук, профессор, заведующая отделом педагогики, психологии и методики преподавания Института развития образования имени Абдурахмана Джами Академии образования Таджикистана.
Официальные оппоненты	**Шаропов Шавкатджон Ахмадович** - доктор педагоги-ческих наук, профессор кафедры социальной и профес-сиональной педагогики Худжандского государственного университета имени академика Бободжона Гафурова
	Неъматов Рамазон Хуснидинович – кандидат педагогических наук, в.и. доцента кафедры методики начального образования, педагогики и психологии Таджикского государственного педагогического института в Раштском районе
Ведущая организация:	**Таджикский государственный педагогический университет имени Садриддина Айни**

Защита диссертации состоится «12» января 2027 года, в 13:00 часов на заседании диссертационного совета 6D.KOA-030 при Институте развития образования имени Абдурахмана Джами Академии образования Таджикистана (734024, Республика Таджикистан, город Душанбе, ул. А.Адхамова, 11/2, e-mail: sharifa.kotibova@mail.ru; тел.: 227 62 46; 55 999 31 20).

С диссертацией можно ознакомиться в библиотеке и на сайте диссертатсионного совета Института развития образования имени Абдурахмана Джами Академии образования Таджикистана (https://shurodis-prmatt.tj)

Автореферат разослан «10» декабря 2026 г.

Ученый секретарь
диссертационного совета, к.п.н., доцент **Котибова Ш.П.**

ВВЕДЕНИЕ

Актуальность темы исследования. Адаптация личности как процесс усвоения социальных ролей, норм, ценностей и образцов поведения является важнейшим условием еѐ полной интеграции в общественную и профессиональную жизнь. В военной службе этот процесс приобретает динамику, поскольку молодой офицер- это не только кадр, выполняющий определѐнные задачи, они личность знающий законы и ценности своей Родины, культуры, патриотизма, военной дисциплины и служебной ответственности.

Верховный главнокомандующий Вооружѐнными силами Республики Таджикистан, генерал армии Эмомали Рахмон, выступая на торжественном собрании, посвящѐнном 25-летию создания ВС РТ, в своей речи, касаясь вопроса подготовки высококвалифицированных специалистов, особо подчеркнул: «… в дальнейшем необходимо уделять ещѐ больше внимания уровню и качеству воспитательной работы, подготовке высококвалифицированных военных специалистов, правильной расстановке кадров, воспитанию личного состава в духе патриотизма и национального самосознания, гуманности и товарищества». [13]

Курсант только что окончивший военный ВУЗ, попадает в сложную среду адаптации к военнослужащим военного подразделения. В этот период ему предстоит адаптироваться к требованиям военной службы, завоевать авторитет среди своих подчинѐнных, налаживать отношения с руководящим составом и в то же время выполнять свои функциональные обязанности, как командир и организатор воспитательных работ.

Эффективность служебной деятельности, сплочѐнность военнослужащих подразделения, уровень правонарушений, а также взаимоотношение между военнослужащими подразделения зависит от того, как правильно будет поставлен процесс адаптации.

Академик М. Лутфуллозода в своем труде «Национальная педагогика», говоря о патриотизме, отмечает: «Родину следует любить такой, какая она есть. Невозможно представить Родину отдельно от еѐ воды, земли, камней, гор, колючек и трав. Человек с раннего детства воспитывается в этой среде. Иными словами, те духовные и материальные ценности, которыми нас одарила щедрая природа и которые мы создаем сами, одновременно воспитывают нас как наставники и делают нас достойными» [29, с. 318].

В условиях нашей республики, где вооруженные силы играют важную роль в обеспечении государственной безопасности и стабильности, а также в воспитании новых поколений в патриотическом духе, адаптации молодых офицеров именно в период их поступления в воинский коллектив недостаточно имеет особую значимость. Отсутствие конкретной модели, а также научно доказанных условий воспитания военнослужащих, методов и требованиӣ к уровню адаптации приводит к отсутствию целостности и результативности воспитательной работы.

Наряду с этим в военной педагогике мало изучен вопрос результативного применения возможности воспитательного труда в обстановке военных военной службы для успешной адаптации молодых офицеров- курсантов вузов, в

частности, необходимо уточнить организационно –педагогические обстоятельства, установить наилучшие формы и методы воспитания, а также построить научно обоснованную модель адаптации, учитывающую как особенности воинской сферы, так и культурно-национальное особенности ВС РТ.

В Концепции политико-воспитательной работе в Вооружѐнных сил Республики Таджикистан задачи политико-воспитательной работы определены следующим образом: «… формирование высоких морально-психологических качеств и боевой готовности, воспитание личного состава в духе патриотизма, чувства любви к Родине, готовности быть надѐжным и достойным защитником Отечества, высокого чувства личной ответственности при выполнении служебных обязанностей и преданности Военной присяге». [8]

В военной службе воспитательная работа является важнейшим средством адаптации военнослужащих, направленным на организацию постоянной системы нравственных, пример профессионального мышления норм поведения.

Воспитательная работа очень важна в военной службе: в развитии нравственно-психологической выносливости молодых офицеров, а именно для выполнения военной обязанностей в ситуациях психологического стресса, неясности и во время опасности. Воспитательная работа оказывает помощь для роста лидерских качеств у офицера, умения действовать в команде и способности принимать быстрые и точные решения, что в особенности важно для успешного командного управления во время боевых операций и в повседневных условиях.

Воспитательная работа в условиях профессиональной адаптации играет особую роль, поскольку помогает молодым офицерам адаптироваться к новым функциям и социальному уровню через формирование высоких стандартов служебного поведения и внутренней стимулы к росту.

Исходя из этого, воспитательная работа представляет собой комплексный процесс, обеспечивающий не только профессиональную подготовку, но и всестороннее личностное развитие молодых офицеров, способствующий укреплению боеспособности и стабильности Вооруженных сил Республики Таджикистан.

Итак, актуальность темы исследования определяется следующим:

-повышение роли воспитательной работы в процессе формирования личности молодого офицера;

-необходимость повышения эффективности адаптации выпускников военных вузов в процессе их адаптации к условиям службы;

-отсутствие в педагогической теории комплексной модели адаптации молодых офицеров, ориентированной на реалии Вооруженных сил Республики Таджикистан;

-важность успешной адаптации молодых офицеров для стабильности и боеспособности воинских частей и подразделений.

Степень научной разработанности темы. Проблемы личностной адаптации широко обсуждаются в работах отечественных и зарубежных учѐных, в том числе: И.А.Абзалова, И.Давлатшоева, С. Давлатшоева, А.Ш.

Давлатшоевой, А. Каландарова, Ш.К. Махмудова, Т.З. Мунавваровой, С.С. Нозимова, Х.Х. Хасанова, С.О. Сатторова, М.В. Ермакова, В.В. Колпачева, Ю.А. Ленева, С.В. Николаева, С.В. Оспенникова, Ю.В. Савина, В.Т. Татаренко и других.

В ходе исследования материалов по данной теме было проведено исследование и выявлены проблемы социализации личности в научных работах отечественных ученых: С. Н. Алиева, С. Амонова, Ф. Гулмадова, Л. М. Иматзоды, Б.К. Кодиров, И.Х. Каримовой, М. Лутфуллозоды, Ш.П. Котибовой, Б. Маджидовой, С. Мухитдиновой, А. Нурова, С. Олимова, А. Раззокова

А также были рассмотрены научные работы отечественных исследователей Р. Н. Азиззоды, Дж. Абдулзоды, М. Акмаловой, Д. Давлатова, Б. Мирбобоевой, Г. Нарзуллоева, Р. Г. Нематова, Н. Л. Нурматовой, М. М. Нематуллозоды, Д. Р. Одильзоды, С. Рахмонали, Н. М. Ризоевой, Н. С. Собировой, М. Г. Турсуновой, Ш. О. Фозилзоды по проблемам социализации личности вне зависимости от их возраста и профессии.

В трудах выдающихся ученых в области военной педагогики и психологии: В. В. Алексеева, И.А. Алехина, В. А. Архипова, П.А. Баранова, Ю.К. Бабанского, А.В. Барабанщиков, Н.Н. Белозеровой, А. Голицыной, В. А. Ивашкина, А.С. Петрова, И.В. Соловьева, Н.Ф. Феденко адаптации военнослужащих были процитированы в диссертации.

Несмотря на множество общеобразовательных исследований, вопросы адаптации молодых офицеров в процессе воспитательной работы изучены недостаточно. Модели, методы и технологии, позволяющие обеспечить военную и целенаправленную адаптацию в условиях военной службы, особенно на постсоветском пространстве и в условиях армии Республики Таджикистан разработаны недостаточно.

